ҲАФИЗ РАҲМОН: «ФУРӮҒ...» БА ТАҒЙИРОТ НИЁЗ ДОРАД с. 6

«ХУТАЛОН» КАЙ ВА ДАР КУҶО СОХТА МЕШАВАД? с. 3

8 КӮДАКИСТОНИ НАВ БАРОИ 1900 КӮДАК с. 2

ТОҶИКИСТОН

№49 (1662), 3.12.25 Рӯзнома зиёд, «Тоҷикистон» якхост! Оғози нашр соли 1992



ЛИМИТ 4 КВТ ҲУШДОРИ МАСЪУЛИНИ БАРҚ БА СОКИНОН



ДАР ИН ШУМОРА:

2 ҲАМЛА, 5 КУШТА
Дар сарҳади Тоҷикистон ва Афғонистон чӣ мегузарад? с.5

ҚУРБОНИ РОҲИ АДОЛАТ
Гузориш аз тақлили 80-солагии Муродуллоҳ Шерализода с.8

РУСИЯ ВА УКРАИНА
Ба тавофуқ нарасидем с.4

БУҶЕТИ ТОҶИКИСТОН-2026
Аз манбаъҳои даромад то хароҷот с.4

ҶАВОРИ ОДАМИЯТ
Чаро ҳаҷравӣ мусобиқа шуд? с.13

Ё ИХРОҶ, Ё ҶАНГ
Шарти нави Русия ба муҳоҷирон с.3

ВАРЗИШ
Як нуқра ва як биринҷии Тоҷикистон аз Абу Заби с.15

КАНЗИ ШИФО
Роҳҳои пешгирии мигрен дар зимистон с.12

МАҶМААИ ИСТИҚОМАТИИ «БУЛЬВАР СКАНДИНАВИЯ»

СЕБИСТОН-2018 — ШИРКАТИ СОХТМОНӢ —

кӯч. Панҷрӯд, маҳ. 91/92

› Маҷмаа аз рӯйи лоиҳаи скандинавӣ - тарҳи мухтасар, фасадҳои равшан ва ҳавлиҳои бароҳат сохта мешавад.

› Маҷмаа дар марҳилаи аввали сохтмон қарор дошта, бунёди он бомаром идома меёбад.

› Сохтмон 3 сол идома меёбад.

› Барои харидорон пешпардохти қулай вуҷуд дорад, интихоби табъи дили худро барои зиндагии бароҳат имрӯз кунед.

Телефони шуъбаи фурӯш:
(+992) 122-122-122



ҲАЙАТИ МУШОВАРА

Шариф ҲАМДАМПУР,
Сармуҳаррир,
раиси ҳайати мушовара

Усмон РАҲИМЗОДА,
муовини сармуҳаррир

Одил НОЗИР,
муҳаррир

Қобилҷон ХУШВАХТЗОДА,
президенти АМИТ

Шералӣ КАБИР,
Вазири саноат ва технологияҳои нави ҶТ

Саидмукаррам АБДУЛҚОДИРЗОДА,
раиси Шӯрои уламои Тоҷикистон.

Носирҷон САЛИМӢ,
академик

Рафаэл НЕКТАЛОВ,
сармуҳаррири рӯзномаи "The Bukharian Times"

Масъуди МИРШОҲӢ,
раиси Бунёди Рӯдакӣ (Порис)

Шариф РАҲИМЗОДА,
доктори илми иқтисодӣ, профессор

Урватулло ТОИРОВ,
доктори илми филология, профессор

Тамара МОСКАЛЁВА,
нависанда (ИМА), зодаи Тоҷикистон

Гулсифат ШАҲИДӢ,
нависанда

Иноят ИНОЯТОВ,
ҳуқуқшинос

Фирдавс САТТОРОВ,
саҳифабанд

МУАССИС:
Ҳайати кормандони ҳафтанома

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №0054/Р3 сабти ном шудааст.
Дар ҳафтанома матолибе низ ба нашр мерасанд, ки ба мавқеи идора мувофиқ нестанд. Барои дар дигар нашрияҳо чоп намудани матолиб ва иқтибосҳо аз «Тоҷикистон» зикри манбаъ ҳатмист. Ҳуқуқи муаллифии ҳамаи матолиби шумора ба идораи ҳафтаномаи «Тоҷикистон» тааллуқ доранд ва тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва байналмилалӣ ҳифз карда мешаванд. Ҳафтанома аксҳо ва маводҳои ҷолиброз шабакаи Интернет мавриди истифода қарор медиҳад. Ҳафтанома масъулияти маводҳои интиқодӣ ва хусусияти таблиғотиро ба дӯш надорад. Инчунин, ба мазмун ва санаду рақамҳои маводи чопшуда муаллифон ҷавобгаранд.

ТЕЛЕФОНИ ИДОРА:
221-00-84,
227-19-95
tojikiston@pressa.tj

ШӮЪБАИ ЭЛОН ВА РЕКЛАМА
ш. Душанбе, хиёбони С. Шерозӣ 16
238-78-78, 44 640-99-88,
238-61-61
ads@rg.tj

ОБУНА ВА ФУРӮШИ РӮЗНОМАҲО
918-66-82-64,
221-41-11

ТЕЪДОДИ НАШР:
33 000 нусха.



8 КӮДАКИСТОНИ НАВ БАРОИ БЕШ АЗ 1900 КӮДАК ДАР ДУШАНБЕ

3-юми декабр бо иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар пойтахт ҳашт муассисаи нави томактабӣ ба фаъолият оғоз карданд, ки дар маҷмуъ барои 1900 кӯдак пешбинӣ шудаанд. Тибқи иттилои хадамоти матбуоти Сарвари давлат, сохтмони 98 кӯдакистони дигар барои қабули 23 ҳазор кӯдак дар Душанбе идома дорад.



КӮДАКИСТОНИ "ВАТАНПАРВАР"

Нахуст, бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Нисор Муҳаммади ноҳияи Шоҳмансури пойтахт Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии "Ватанпарвар" мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Ин муассисаи таҳсилоти томактабӣ аз ҷониби соҳибкор Шаҳбоз Қодирзода барои 300 кӯдак сохта шудааст. Дар кӯдакистони хусусии "Ватанпарвар" барои 12 гурӯҳ 50 парастор ба кор бо маоши хуб ҷалб шудаанд ва раванди таҳсил дар он бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ сурат мегирад. Иншоот аз 3 ошёна ва таҳхона иборат буда, масоҳаташ зиёда аз 1000 метри мураббаъ мебошад. Ҳамчунин, муассиса дорои нуқтаи хизматрасонии тиббӣ ва ошхона бо 160 ҷойи нишаст мебошад.

"Дар боғчаи навтаъсис аз рӯи китоби тозанашри "Шоҳнома"-и безаволи Абулқосим Фирдавсӣ машғулиятҳои инкишофи нутқ ба роҳ монда шудааст, ки ин иқдом ба бедор сохтани ҳисси худшиносӣ дар замири кӯдакон таъсир мегузорад",- иттилоъ медиҳад хадамоти матбуоти Сарвари давлат.

Бо сохта ба истифода додани ин боғчаи нав, шумораи муассисаҳои томактабӣ дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе ба 31 адад ва фарогирии кӯдакон ба онҳо ба 6049 нафар расид.

"БАСБӢ" - КӮДАКИСТОНИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ИННОВАТСИОНӢ

Ҳамчунин, 3-юми декабр бо иштироки Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Рустам Амакиеви ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе Муассисаи таҳсилоти томактабии хусусии Кӯдакистони байналмилалии инноватсионии "Басбӣ" мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт.

Иншооти навбунёди соҳаи маориф аз ҷониби соҳибкор Рустам Саидов бо маблағи 20 миллион сомонӣ сохта шудааст. Муассисаи тозабунёд аз ду бинои 4-ошёна ва таҳхона иборат аст ва дар он барои инкишофи зеҳнии кӯдакон ва бозиҳои гуногуни шавқовар шароити хуби таълим фароҳам оварда шуда, барои 600 кӯдак пешбинӣ гардидааст.

Дар ин муассисаи томактабӣ кӯдакони аз синни 2 то 6-сола қабул гардида, бо 4 вақт хӯроки гарм таъмин мегарданд. Омӯзишу парасторӣ дар он бо 3 забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

КӮДАКИСТОНИ "ГУЛИСТОН" - 400 ҶОЙ БО ШАРОИТИ МУОСИР

3-юми декабр бо иштироки Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Муассисаи таҳсилоти томактабии «Гулистон» ба истифода дода шуд.

Ин муассисаи томактабӣ аз як бинои сеошёна ва таҳхона иборат буда, дар он раванди таълиму тарбияи кӯдакон ба таври босамар бо се забон - тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ ба роҳ монда шудааст.

Дар бинои навбунёди кӯдакистони «Гулистон» 20 гурӯҳ фаъолият мекунанд ва дар онҳо 400 кӯдак ба таълиму тарбия фаро гирифта мешаванд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон аз синфхонаҳо, ҳуҷраҳои хоб ва шароити умумии ин муассисаи томактабӣ дидан намуда, ба масъулин ҷиҳати таълиму тарбияи дурусти кӯдакон дастуру тавсияҳо дод.

МАКТАБИ БАЧАГОНАИ МУСИҚИИ №3

Муассисаи давлатии "Мактаби бачагонаи мусиқии №3 ба номи Абдуфаттоҳ Одинаев" дар ноҳияи Синои пойтахт ҷойгир аст. Ин иншооти нави дуошёна барои 300 хонанда дар 2 баст пешбинӣ шудааст. Дар бинои нави Мактаби бачагонаи мусиқӣ шароити муосир фароҳам буда, он аз ҳуҷраҳои корӣ, синфхонаҳои таълимии рақс, фортепиано, созҳои халқӣ, сурудҳои академиву фалак ва ғайра иборат аст. Ҳамчунин, барои баргузор намудани ҳамоишу чорабиниҳо дар ин ҷо толори барҳаво бо 42 ҷойи нишаст ва китобхона ҷойгир шудааст.

Мактаби бачагона соли 1962 дар заминаи хонаи истиқоматӣ ташкил шуда, ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуд. Ҳоло бошад, хонандагон имкон доранд дар бинои нав, ки дорои шароити муосир аст, ба таҳсил ва ҳунаромӯзӣ машғул шаванд.

Ёдовар мешавем, ки соли 2025 то имрӯз дар шаҳри Душанбе 5 мактаб бо 2650 ҷойи нишаст дар ду баст ва 16 муассисаи томактабӣ барои 3640 кӯдак ба истифода дода шудааст.

ЛИМИТ 4 КВТ

Ҳушдори масъулини барқ ба сокинон



Масъулони Шабакаҳои тақсими барқ бо фиристодани паёмак ба мардум, аз ҷумла сокинони Душанбе, ҳушдор доданд, ки агар онҳо дар як вақт аз 4 киловат бештар барқ истифода баранд, интиқоли барқ ба хонаҳояшон барои 30 дақиқа ба таври худкор қатъ мегардад. Ин муроҷиат ба сокиноне рабт дорад, ки аз ҳисобгираки якфаза (220 В) истифода мебаранд.

Аз мардум хоста шудааст, ки дар як вақт аз чанд дастгоҳи барқӣ, ба мисли уту (дарзмол), печҳо ва дастгоҳи ҷомашӯӣ истифода накунанд.

Мақомот зарурати кам кардани истифодаи барқро ба камшавии об дар дарёҳо рабт додаанд, ки ба гуфтаи онҳо ба ҳачми истеҳсоли он таъсир расонидааст.

Шабакаҳои тақсими барқ дар паёмак ба сокинон гуфтааст, ин чорабинӣ муваққатӣ буда, барои сарфаи об роҳандозӣ шудаанд.

Ҳафтаҳои охир сокинони зиёде дар Душанбе аз мушкили бебарқӣ ва чорӣ шудани маҳдудият ё лимити шадид шикоят доранд. Дар бисёре аз ноҳияву минтақаҳои дигари Тоҷикистон сокинон мегӯянд, ки дар шабонарӯз ҳамагӣ 1-3 соат барқ доранд.

Дар як номаи дигар, ки бо имзои раҳбари Шабакаҳои тақсими барқ ба мақомоти зертобеи он фиристода шудааст, гуфта шудааст, ки барқ тавассути ҳисобкунакҳои ҳушманд "мувофиқи навбат ва бо тартиби муайян аз системаи биллингӣ хомӯш карда мешавад".

Дар ин нома, ки нусхаи он ба шабакаҳои иҷтимоӣ роҳ ёфт, дастур шудааст, ки барқи корхонаҳои давлатӣ ва идораҳои бучавӣ аз соати шаши бегоҳ то оғози рӯзи корӣ қатъ шавад. Ҳушдор дода шудааст, ки дар сурати саркашӣ аз ин дастур, шахсони масъул ҷазо хоҳанд гирифт.

Имсол сокинони Тоҷикистон мегӯянд, ки "лимит"-и барқ шадидтар шуда, дар як шабонарӯз аз 2 то 4 соат бо барқ таъмин ҳастанд. Ба таъкиди онҳо, ин реҷа ҳам на ҳама вақт риоя мешавад. Масъулини интиқолу тақсимоти барқ тасдиқ мекунанд, ки дар кишвар "дар интиқоли барқ маҳдудияти сахт ҷорӣ шудааст" ва мушкилро ба паст шудани сатҳи об дар обанбори НБО "Норак" рабт медиҳанд.

Дар пайи норасоии барқ чунин тадбирҳои муваққатии сарфаи барқ дар кишвар ҷорӣ шудааст:

- шомгоҳон қатъ намудани интиқоли барқ дар корхонаву ташкилотҳои бучетӣ;
- манъи кори нуқтаҳои нерӯдиҳӣ барои мошинҳои барқӣ (электромобилҳо) аз соати 18:00 то 22:00;
- қатъи худкори интиқоли барқ ба хонаҳо дар сурати зиёд шудани сарборӣ аз 4-5 кВт.
- хомӯш кардани барқ ё чароғҳои кӯчагӣ, ки "аҳамияти стратегӣ надоранд".

Д. ҚОДИРПУР



НБО «ХУТАЛОН» КАЙ ВА ДАР КУҶО СОХТА МЕШАВАД?

31-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ РАВОН ТАҲТИ РАЁСАТИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, ПЕШВОИ МИЛЛАТ, РАИСИ ҲУКУМАТИ КИШВАР МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН МАҶЛИСИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРГУЗОР ГАРДИД, КИ ДАР ОН БАРОБАРИ ДИГАР МАСЪАЛАҲО, ҲАМЧУНИН, ДАР БОРАИ ТАЪСИСИ МУАССИСАИ ДАВЛАТИИ «МАРКАЗИ ТАТБИҚИ ЛОИҲАИ СОХТМОНИ НЕРӮГОҲИ БАРҚИ ОБИИ «ХУТАЛОН» ШАХСОНИ МАСЪУЛ ГУЗОРИШ ДОДА БУДАНД.

Инчунин, сеюми ноябр бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҷӯрабек Муҳаммадзода директори Муассисаи давлатии «Маркази татбиқи лоиҳаи сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии «Хуталон» таъин гардид.

Азбаски то таъсиси муассисаи мазкур дар бораи Нерӯгоҳи барқи обии «Хуталон» дар ҳеҷ ҷо гузорише нашр нашуда буд, аксаран донистан мехоҳанд, ки ин нерӯгоҳ дар кучо ва кай бояд сохта шавад. Бо мақсади равшанӣ андохтан ба ин мавзуъ мо ба Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон мурочиат кардем. Тавре аз вазорати мазкур иттилоъ доданд, мувофиқи нишондиҳандаҳои пешнавишти асосноккунии техникию иқтисодӣ, Нерӯгоҳи барқи обии «Хуталон» («Шӯроб») дар мачрои дарёи Вахш, дар байни ду нерӯгоҳи барқи обии бузург - НБО «Роғун» (аз бало) ва НБО «Норак» (аз поён) бунёд хоҳад шуд. Иқтидори лоиҳавии нерӯгоҳ бо насби 6 гидроагрегат 800 МВт муайян шуда, истеҳсоли миёнаи солонаи нерӯи барқ дар он 2,684 ГВт/соатро ташкил хоҳад дод. Сарбанди нерӯгоҳ гиливу сангӣ буда, бо баландии 76 метр ва паҳноии 234 метр сохта мешавад. Бунёди толори агрегатҳо бо дарозии 225 метр, паҳноии 45 метр ва баландии 60 метр ба нақша гирифта шудааст. Ҳачми оби фоиданок 4 млн.м/куб аст. Муҳлати сохтмони нерӯгоҳ 72 моҳ пешбинӣ шуда, арзиши лоиҳа 2,247 млрд доллари ИМА арзёбӣ гардидааст.

Қобили зикр аст, ки Тоҷикистон бо захираҳои бузурги обӣ ва мавқеи мувофиқи ҷуғрофӣ дорои иқтидори зиёди энергетикӣ буда, бунёди нерӯгоҳҳои барқи обӣ дар афзалияти кори Ҳукумати кишвар қарор дорад. Расидан ба истиқлоли энергетикӣ яке аз ҳадафҳои стратегии кишвар эълон гардида, дар доираи он то имрӯз садҳо МВт иқтидорҳои энергетикӣ ба истифода дода шудаанд. Бино бар дурнамо, дар соли 2027 бо ба истифода додани агрегатҳои навбатии НБО «Роғун» ва ивази ду агрегати фаъол ба агрегатҳои иқтидорҳои калонтар кишвар пурра ба истиқлоли энергетикӣ ноил мешавад.

Бунёди НБО «Хуталон» бошад, як қадами чиддии дигар дар самти рушди иқтисоди «сабз» маҳсуб ёфта, мавриди истифода қарор гирифтани он боиси боз ҳам рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар мегардад.

Шариф АТОБУЛЛОЕВ

САРИ САБЗ



Абдулмуъмин ШАРИФӢ, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон

- Ман куҷову шайх будан куҷо? Эй кош, як заррае аз тақвои шайхҳои асилро медоштам. Шайх инсони ростӯ, ростхӯ, рострав. Аммо ман дар зоҳир шайх метобам, дар асл бисёр каҷиҳову нишебиҳо дорам, ки баъзан худам аз корҳои мекардаву ҳарфҳои мегуфтаам даҳшат мекунам.

- Ягон даҳшат накунед ва ба ташвиш ҳам наафтед. Шумо аниқ шайх, шайхи асил. Зеро, корҳову ҳарфҳои мегуфтаатонро пинҳон накарда, аз каҷиҳову нишебиҳоятон ёдовар шудед.



Мавзуна ЧОРИЕВА, варзишгари риштаи бокс

- Мушкилӣ ва камбудиҳое, ки ҳаст, мо варзишгарон бояд нагӯем, чунки майдон аз далер аст, дар даруни толори варзишӣ ё татами, ё дар дигар варзишгоҳ шароити хуб фоида намеорад. Он ҷо қувваю нерӯ нақш мебозад.

- Ҳммм, мушкиливу камбудиҳоро гуфтан магар кори хуб нест, ки роҳҳои ислоҳашон ҷуста шаванд? Охир, шароити хуб ба қувваю нерӯ тақвият мебахшад ку!



Аъзам РОЗИҚ, ҳунарманди театру синамо

- Ба як театр зиндагӣ пеш намеравад. Филмҳои касбӣ дар як сол як ё дуто мешаванд, ки ин низ наметавонад моро соҳиби маблағи зиёд гардонад... Агар хеле маблағи зиёд ҳам диҳанд, ман ба офаридани он нақшҳое, ки аслан қобили қабул нест, розӣ намешавам.

- Пас, боз ягон кори даромадноки дигар ҷустанатон лозим мешавад, то зиндагиро пеш баред. Зеро, ба гуфти худатон, филми касбии зиёд ёфтан амри муҳол аст.

Осиёи Марказии ҷавонҳо

Дар Осиёи Марказӣ тағйироти бузургмиқёси демографӣ ҷараён дорад, ки дар даҳсолаи наздик ояндаи иқтисодӣ ва иҷтимоии минтақаро муайян хоҳанд кард.



Мувофиқи гузориши минтақавии "Насли 2050 дар Осиёи Марказӣ", ки бо дастгирии Бунёди кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ) таҳия шудааст, имрӯз синни зиёда аз нисфи аҳолии Осиёи Марказӣ аз 30-сола поинтар аст. Дар пасманзари пиршавии босуръати аҳолии ҷаҳон, Осиёи Марказӣ яке аз минтақаҳои ҷавонтарини АвруОсиё бокӣ мемонад. Дар Тоҷикистон синни миёна 22 сол, Қирғизистон - 25 ва Ӯзбекистон - 27 солро ташкил медиҳад. Тавре СММ иттилоъ медиҳад, то соли 2050 ин нишондиҳандаҳо нисбатан паст бокӣ монда, барои ҷаҳиши иқтисодӣ равзанаи имкониятҳо нигаҳ дошта мешавад.

Қатли 83 ҳазор зану духтар дар як сол

Соли 2025-ум 83 ҳазор зану духтар дар саросари ҷаҳон аз дасти шавҳар (дӯстдошта) ё хешовандонашон кушта шудаанд. Яъне ҳар рӯз ба ҳисоби миёна 137 зану духтар ба қатл расонида шудаанд.



Ин оморро рӯзи 25-уми ноябр бахши мубориза бо маводи мухаддир ва ҷинояткории СММ ва "СММ-Занон" ба муносибати Рӯзи байналмилалии барҳам додани хушунат алайҳи занон нашр кардааст.

Дар гузориш зикр мешавад, ки 60% занону духтарони кушташуда (50 ҳазор нафар) аз ҷониби шавҳарон ё аъзои оила кушта шудаанд. Дар муқоиса, танҳо 11% куштори мардон аз ҷониби хонавода ё ҳамсар содир шудааст.

Дар гузориш гуфта мешавад, ки баландтарин сатҳи куштори занон дар Африқо ба қайд гирифта шудааст, ки ба ҳар 100 ҳазор зан 3 ҳолати фавт дуруст меояд. Мақоми баъдиро ИМА ишғол кардааст.

Ё ИХРОҶ, Ё ҶАНГ

Шарти нави Русия ба муҳоҷирон

Русия мехоҳад ихроҷу истирдоди шаҳрвандони хориҷиеро, ки бо Вазорати дифои ин кишвар қарордод баста, дар ҷанги зидди Украина ширкат доранд, манъ кунад.

Комиссияи ҳукуматӣ оид ба қонунгузорӣ тарҳи қонунеро дар ин бора таҳия карда, ба Думаи давлатӣ фиристодааст. Эҳтимол Маскав ният дорад бо ин роҳ хориҷиёни бештареро барои артиш ва сафарбарӣ ба ҷанг ҷалб кунад.

Тибқи ин тарҳ, ҳамчунин ба хориҷиён дар гирифтани ҳаққи иқомат, иҷозатномаи кор ва иҷозаи вуруд ба Русия набояд посухи рад дода шавад.

Ин санад истирдоди ширкатдорони ҷанг дар Украинаро барои адои ҷазо ба кишварҳои худашон низ манъ мекунад. Тасмими манъи интиқоли сарбозони қарордодӣ ба давлатҳои дигар ба ҳазорҳо муҳоҷири корӣ аз Осиёи Марказӣ рабт мегирад, ки аз тарафи Русия ба ҷанги Украина сафарбар шудаанд.

Қонун дар аксари кишварҳои Осиёи Марказӣ ширкати шаҳрвандон дар низоъҳои хориҷиро манъ ва ҷазо пешбинӣ кардааст.



150 ҲАЗОР МУҲОҶИРИ ТОҶИК ДАР "РӮЙХАТИ СИЁҲ"-И РУСИЯ

Мақомоти Тоҷикистон омори муҳоҷиронеро эълон карданд, ки номашон ба рӯйхати шахсони зери назорати Русия шомил шудааст.

Ба иттилои намояндагии Вазорати меҳнат ва муҳоҷирати Тоҷикистон дар Русия, номи 150 ҳазор тоҷикистонӣ ба рӯйхати шахсони таҳти назорати Русия ворид шудааст. Ин рӯйхат аз 5-уми феврали имсол амалӣ шуд ва номи он шаҳрвандони хориҷие ба он шомил мешавад, ки дар Русия ягон қонуншиканӣ кардаанд.

Мақомоти Русия то моҳи сентябри имсол ба муҳоҷироне, ки номашон дар ин рӯйхат буд, фурсат доданд, ки будубоши худро дар ин кишвар қонунӣ кунанд.

Намояндагии Вазорати меҳнат аз муҳоҷирони тоҷик хост номи худро дар ин рӯйхат санҷанд ва агар исмашон онҷо бошад, ихтиёран Русияро тарк кунанд, то даромадашон ба ин кишвар манъ нашавад.

Мақомоти Тоҷикистон бори ахир моҳи октябри соли 2024 омори муҳоҷирони дар "рӯйхати сиёҳ"-и Русия бударо эълон карда буданд. Он вақт номи зиёда аз 120 ҳазор шаҳрванди Тоҷикистон ба ин рӯйхат афтида буд.

БА ТАВОФУҚ НАРАСИДЕМ



Русия мегӯяд, ки бо Амрико дар бораи тарҳи пешниҳодии сулҳ дар Украина гуфтугӯҳои "судманд" анҷом додааст, аммо ҳанӯз ҳеч тавофуқе наздик нест.

Ҳайати амрикоӣ бо раҳбарии Стив Виткофф, намояндаи вижаи Амрико рӯзи 2-юми декабр дар Кремл бо Владимир Путин, раисҷумҳури Русия ва мақомҳои ҳамроҳи ӯ наздик ба панҷ соат дар бораи тарҳе гуфтугӯ карданд, ки ҳадафи он поён додан ба ҷанги Русия дар Украина аст.

Пас аз ин нишаст Юрий Ушаков, мушовири президенти Русия дар умури хориҷӣ зимни нишасти хабарӣ дар Кремл гуфт, ки сулҳ ҳанӯз наздик нашудааст, аммо дур ҳам нест.

Ӯ "масоили қаламрав"-ро яке аз муҳимтарин нуқтаҳои мавриди ихтилоф донист ва афзуд, ки ду тараф бештар дар бораи моҳияти тарҳ суҳбат карданд, на ҷузъиёти он. Ушаков афзуд, ки баъзе пешниҳодҳо барои Русия қобили қабул буд ва дар бораи баъзеи дигар интиқодҳо доштанд.

Ӯ таъкид кард: "Бе ҳалли масъалаҳои қаламрав ҳеч шонсе барои поёни бухрони Украина намебинем. Акнун замони он расидааст, ки Маскав ва Вашингтон барои расидан ба пешрафти воқеӣ ба таври ҷиддӣ корро оғоз кунанд".

Стив Виткофф дар бораи гуфтугӯҳои анҷомшуда изҳори назари фаврӣ накард ва пас аз тарки Кремл ба Сафорати Амрико дар Маскав рафт.

Қабл аз оғози гуфтугӯ бо Виткофф, раисҷумҳури Русия Владимир Путин хитоб ба ҳомиёни аврупоии Украина гуфт, ки Маскав алоқае ба ҷанг ва даргирӣ бо онҳо надорад, аммо агар Аврупо ба дунболи ҷанг бошад, Русия ҳам комилан омода аст.

Путин рӯзи 2-юми декабр иддао кард, ки қудратҳои аврупоӣ хостори "таҳмили навъе созиши сулҳ бо Украна" ҳастанд, ки аз нигоҳи Маскав "комилан ғайри қобили қабул аст".

Раисҷумҳури Русия қудратҳои аврупоиро муттаҳам кард, ки бо ироаи пешниҳодҳое, ки ба гуфтаи ӯ, "ба хубӣ медонанд барои Маскав ғайри қобили пазириш хоҳад буд", ба талошҳои Доналд Трамп барои поён додан ба ҷанги сесола миёни Русия ва Украина латма мезананд.

Путин иддао кард, ки қудратҳои аврупоӣ бо қатъи робита бо Русия амалан худро аз гуфтугӯҳои сулҳи Украина берун кардаанд.

Ҳамзамон, Владимир Зеленский, раисҷумҳури Украина дар сафар ба Ирландия хостори поёни қатъии ҷанг шуд, на созиши кӯтоҳмуддат дар даргириҳо.

Ӯ рӯзи 2-юми декабр дар нишасти хабарии муштарак бо нахуствазири Ирландия бар зарурати барқарории як "сулҳи шарафмандона" таъкид кард ва гуфт, ки барои таҳқиқи ин амри муҳим "ҳама бояд аз сулҳ пуштибонӣ кунанд".

Ӯ як рӯз қабл дар Порис пас аз мулоқот бо Эммануэл Макрон, раисҷумҳури Фаронса гуфт, ки барномаи сулҳ бисёр хуб аст, аммо баҳс дар мавриди вогузории сарзаминҳо барои Украина мавзуи бисёр печида ба шумор меравад. Зеленский ҳифзи тамомияти арзии Украинаро авлавияти аслӣ хонд.

Аз оғози соли равон то кунун ин шашумин мулоқоти Витткоф бо Путин аст.

ДУ ҲАМЛА ВА 5 КУШТА

Дар сарҳади Тоҷикистону Афғонистон чӣ мегузарад?

ЭМОМАЛӢ РАҲМОН, ПРЕЗИДЕНТИ ТОҶИКИСТОН ҲАМЛАҲО “АЗ СӮЙИ АФҒОНИСТОН” ДАР ДУ НОҲИЯИ НАЗДИМАРЗИРО “АМАЛҲОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ ВА ИҒВОАНГЕЗ” НОМИДА, ШАДИДАН МАҲКУМ КАРДААСТ. ДАР ИН ҲАМЛАҲО ДАР НОҲИЯИ ШАМСИДДИН ШОҲИНИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ВА ДАРВОЗИ ВИЛОЯТИ БАДАХШОН ПАНҶ ШАҲРВАНДИ ЧИН КУШТА ВА ПАНҶ ТАНИ ДИГАР ЗАХМӢ ШУДАНД.







МАШВАРАТИ ПРЕЗИДЕНТ

Эмомалӣ Раҳмон рӯзи якуми декабр дар вохӯрӣ, ки роҳбарони сохторҳои қудратӣ ва ҳифзи ҳуқуқу тартиботи кишвар ширкат доштанд, вазъи кунунӣ дар сарҳади давлатии миёни Тоҷикистону Афғонистон ва роҳҳои тақвияти ҳифзи онро баррасӣ карда, барои пешгирии ҳамлаҳо ба роҳбарони мақомоти қудратии кишвар дастур додааст.

“Эмомалӣ Раҳмон амалҳои ғайриқонунӣ ва иғвоангези шаҳрвандони Афғонистонро шадидан маҳкум намуда, ба масъулин дастур доданд, ки доир ба ҳалли масъала ва пешгирӣ аз такрори чунин ҳодисаҳои нохуш аз чораю тадбирҳои муассир кор бигиранд”,- навиштаast ҳадамоти матбуоти Президент.

ДУ ҲАМЛА ДАР ЯК ҲАФТА

Ин машварати Президенти кишвар бо роҳбарони сохторҳои қудратӣ дар ҳолест, ки дар як ҳафтаи охир аз сӯи Афғонистон ба Тоҷикистон ду ҳамла сурат гирифт.

Ҳамлаи якумро рӯзи 27-уми ноябр ВКХ Тоҷикистон расонӣ кард ва гуфт, ҳамла ба бошишгоҳи коргарони корхонаи "Шоҳин СМ" бо истифода аз силоҳҳои оташфишон ва паҳподи мучаҳҳаз бо норинчак сурат гирифта, дар пайи он се корманди ширкати маъдантозакунии "Шоҳин СМ", ки шаҳрвандони Чин будаанд, чон бохтаанд.

ВКХ-и Тоҷикистон ин ҳамларо кори гурӯҳҳои ҳаросафкан хонда, маҳкум кард ва аз мақомоти феълии Афғонистон даъват кард, ки барои таъмини суботу амният дар марз тадбирҳои муассир андешанд.

Дар изҳороти имрӯзаи КДАМ Тоҷикистон низ ин ҳодиса ишора шудааст: “Айнан чунин амали террористӣ рӯзи 26-уми ноябри соли ҷорӣ аз ҳудуди вулусволии Шаҳри Бузурги вилояти Бадахшони Афғонистон ба қаламрави ноҳияи Шамсиддин Шоҳини Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат гирифта буд, ки дар натиҷаи он 3 корманди ширкати "Шоҳин-СМ" аз ҳисоби шаҳрвандони Ҷумҳурии Мардумии Чин ба ҳалокат расида, як нафар захмӣ гардид”.

Ҳамлаи дуюм бошад, рӯзи 30-юми ноябр сурат гирифт.

Нерӯҳои марзбонии Кумитаи давлатии амнияти миллии Тоҷикистон (КДАМ) бо пахши як изҳорот гуфт, ин ҳодиса тахминан соати 18:45-и бегоҳи 30-юми ноябр рух дода, “аъзои гурӯҳи мусаллаҳи террористӣ аз ҳудуди деҳаи Рузваяки вулусволии Моҳи Майи вилояти Бадахшони Афғонистон ба кормандони ширкати роҳсозии "China Road and Bridge Corporation" дар деҳаи Шодаки ҷамоати деҳоти Вишхарви ноҳияи Дарвози Тоҷикистон ҳамлаи мусаллаҳона анҷом доданд”.

Дар пайи ҳамла ду шаҳрванди Чин ба ҳалокат расида, 2 шаҳрванди дигари ин кишвар ҷароҳат бардоштанд.

КДАМ гуфтааст, ҷониби Тоҷикистон бо изҳори нигаронии амиқ ин амалҳои мудҳиши гурӯҳҳои ҷиноятиро қотеъона маҳкум намуда, аз мақомоти феълии Афғонистон даъват кардааст, ки барои таъмини амнияти субот дар хати сарҳади давлатии ду кишвар ва дастгир намудани афроди ба ин амалҳо дастдошта тадбирҳои муассири саривақтӣ андешад.

“Бо вуҷуди талошҳои мунтазами ҷониби Тоҷикистон ҷиҳати ҳифзи амният ва эҷоди фазои ҳамкории мутақобилан судманд дар минтақаҳои наздисарҳадии Тоҷикистон ва Афғонистон амалҳои гурӯҳҳои ҷиноятқор барои халалдор намудани вазъият дар сарҳади давлатӣ ба қайд гирифта шуданд”,- омадааст дар изҳороти КДАМ, ки дар хабаргузории "Ховар" нашр шудааст.

ТАЛАБИ САФОРАТИ ЧИН

Дар пайи куштори 5 шаҳрванди Чин дар манотиқи марзии Тоҷикистон, Го Чжизюн, сафири ин кишвар дар Душанбе бо Сирочиддин Муҳриддин, вазири корҳои хориҷӣ ва Фарҳод Камолзода, муовини аввали раиси КДАМ "ба таври фаврӣ" тамос гирифтааст.

Ба иттилои сомонаи Сафорати Чин намояндаи дипломатии ин кишвар аз мақомоти Тоҷикистон хостааст, ки барои таъмини амнияти корхонаҳо ва шаҳрвандони чинӣ "ҳамаи чораҳои заруриро андешанд".

Ба гуфтаи манбаъ, ҷониби Тоҷикистон "ҳамлаҳои мусаллаҳона ба шаҳрвандони Чинро ба шиддат маҳкум карда", гуфтааст, ки "ба талаботи ҷониби Чин аҳамияти ҷиддӣ медиҳад ва чораҳои амниятиро фавран тақвият хоҳад дод, то амнияти корхонаҳо ва шаҳрвандони чинӣ ба таври комил ҳифз гардад".

ТАМОС БО СИРОҶИДДИН МУҲРИДДИН

Дар пайи ҳамлаҳо аз хоки Афғонистон ба шаҳрвандони Чин дар ду ноҳияи наздимарзии Тоҷикистон Вазорати корҳои хориҷии "Толибон" рӯзи 2-юми декабр дар эъломияе навишт, ки Амирхон Муттақӣ ва Сирочиддин Муҳриддин "ба идомаи тамоси нерӯҳои марзӣ, ҳамкориҳои амниятӣ ва баргузории нишастҳои кумитаҳои муштарак тавофуқ карданд".

Бар асоси изҳороти "Толибон", Муттақӣ ба Сирочиддин Муҳриддин гуфтааст, ки ду кишвар ахиран фазои эътимод ва ҳамкориҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва амниятиро эҷод кардаанд, "аммо баъзе аз ҳалқаҳо талош доранд ба ин раванд осеб бизананд".

Гуфта мешавад, ки Муттақӣ омодагии кишварашро дар таҳқиқоти муштарак дар бораи раванди кушта шудани шаҳрвандони Чин дар хоки Тоҷикистон бо ин кишвар изҳор доштааст.

Мавриди зикр аст, ки ин нахустин гуфтугӯйи дипломатҳои аршади ду кишвар дар чаҳор соли пас аз ба сари қудрат омадани ҳукумати "Толибон" аст.

НИГАРОНӢ АЗ КОБУЛ

Жоу Шинг, сафири Чин дар Кобул бо Муҳаммаднаим Вардак, муовини молӣ ва идории Вазорати корҳои хориҷии ҳукумати Толибон ҳамла ба чиниҳо дар ноҳияҳои наздимарзии Тоҷикистон аз хоки Афғонистонро баррасӣ кардааст. Дар ин бора 3-юми декабр расонаҳои Афғонистон гузориш додаанд.

Ба навиштаи “8-и субҳ”, намояндаи “Толибон” ҳамла ба шаҳрвандони Чин дар Тоҷикистонро кори дасти “душманоне” донистааст, ки қасд доранд миёни кишварҳо “беэътимодӣ” эҷод кунанд.

Муҳаммаднаим Вардак ҳамчунин аз рӯйдодҳои ахир изҳори таассуф карда, гуфтааст, ки таҳқиқи ин ҳодисаҳо оғоз шудааст.

БОЗДОШТИ ДУ ГУМОНБАР

3-юми декабр расонаҳои Афғонистон бо такя ба як намояндаи ҳукумати Толибон* навиштаанд, ки мақомоти ин гурӯҳ дар пайванд ба ҳамла ба шаҳрвандони Чин дар манотиқи марзии Тоҷикистон бо Афғонистон ду танро боздошт кардаанд.

Ба гуфтаи Эҳсонуллоҳ Комгор, сухангӯи фармондеҳии амнияти Толибон дар Бадахшони Афғонистон, ин ду нафар рӯзи душанбе аз вулусволии Моймии ин вилоят дастгир гардидаанд. Ин намояндаи ҳукумати Толибон дар мавриди ҳувияти боздоштшудаҳо иттилое надодааст.

ОВОЗАҲОИ БЕАСОС

Вазъияти баамаломада овозаҳоеро ҳам ба вуҷуд овард, ки гӯё Тоҷикистон барои таъмини амният дар сарҳад аз Русия ва ё нерӯҳои СПАД кумак хостааст.

Аз ҷумла, хабаргузории “Рейтерс” 2-юми декабр навишт, ки ниҳодҳои қудратии Душанбе бо Маскав “дар бораи ҷалби нерӯҳо барои посбонии якчоя аз марзи ноором бо Афғонистон гуфтугӯ доранд”. Вале Вазорати корҳои хориҷии Тоҷикистон ин овозаҳоро рад кард. Гуфта мешавад, ки айни замон сарҳад ором ва таҳти назорати мақомоти Тоҷикистон аст.

О. СОҲИБЗОДА

РЕЗААХБОР

Эмомалӣ Раҳмон, Президенти Тоҷикистон 2-юми декабр бо Нуъмон Куртулмуш, раиси парлумони Туркия мулоқот кард. Куртулмуш ҳамчунин дар сафараш ба Тоҷикистон бо раиси Маҷлиси миллии МО ҶТ ва шаҳрдори Душанбе Рустами Эмомалӣ ва дигар шахсони расмӣ дидору мулоқот анҷом дод. Ҷонибҳо робитаҳои байнипарлумонӣ ва ҳамкориҳои ду кишвар дар самти тиҷорату иқтисод, маориф, илм, фарҳанг ва сайёҳиро баррасӣ кардаанд.

***

Сафорати Амрико дар Тоҷикистон бо нашри баёния рӯзи 29-уми ноябр ба сокинон ҳушдор додааст, ки ба “миёнаравоне, ки иддао доранд сабтином барои "Green Card" аллакай оғоз шуд”, бовар накунанд. Гуфта мешавад, ки сомонаҳои расмии ИМА дар бораи сабти дархост барои "Green Card" маълумот хоҳанд дод. Ин ниҳод таъкид кардааст, ки корбарон бояд фақат ба сомонаҳое бовар ва такя кунанд, ки дар охирашон навиштаи ".gov" доранд.

***

2-юми декабр дар Театри опера ва балети ба номи Садриддин Айнӣ Рӯзҳои фарҳанги Чин дар Тоҷикистон бо баргузори консерти ҳунармандони чинӣ ифтитоҳ гардид. Ҳамчунин, Матлубахон Сатториён, вазири фарҳанги Тоҷикистон бо Лу Инчун, муовини вазири фарҳанг ва сайёҳии Чин дидору гуфтугӯ кардааст. Рӯзҳои фарҳанги Чин дар дигар манотиқи Тоҷикистон идома хоҳанд ёфт.

***

Рамазон Раҳимзода, вазири корҳои дохилии Тоҷикистон дар шаҳри Мински Беларус бо Иван Кубраков, вазири умури дохилии ин кишвар дидору гуфтугӯ кардааст. Дар ин мулоқот, ки рӯзи 2-юми декабр сурат гирифт, масъалаи мубодилаи таҷрибаи Беларус дар истеҳсолу истифодаи паҳпод (дрон)-хо ва мубориза алайҳи ҷиноятҳои сайберӣ (киберӣ) баррасӣ гардидааст.

***

30-юми ноябр Муҳаммад Шодиён, вакили парлумони Тоҷикистон аз ҲХДТ дар 60-солагӣ даргузашт. Ӯ зодаи ноҳияи Данғара буда, то интихоб шуданаш ба ҳайси вакил дар соли 2020 ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав (аз соли 2012 то 2020) буд.



Ҳафиз РАҲМОН, адабиётшинос, узви ҳайати ҳакамони озмуни чумҳуриявии "Фурӯғи субҳи доной китоб аст"

ДАР «ФУРӮҒ...»
БОЯД ТАҒЙИРОТИ ҶИДДӢ СУРАТ ГИРАД

1. Перомуни озмуни “Фурӯғ” ҳамасола сарусадову баҳсу баррасиҳо сурат мегиранд. Ҳафт сол боз. Аз масъалаҳои ташкил ва баргузории озмун сар карда, то тарзу усули пурсишу посухҳо... Аз омодагии довталабон то омодагии худи доварон... Мутахассисони соҳаи филологияву равоншиносӣ ва фалсафа, мактабшиносиву адабиётшиносӣ лозим, ки дар як сохтори алоҳидае ҷамъ шуда, ин ҳамаро таҳлил кунанд. Ба озмун ҳамасола қариб ним миллион одам ҷалб мешавад, магар барои ин қадар одам таъсиси як сохтори мустақили пажӯҳишӣ зарурат нест? Албатта, ҳаст.

2. Дар ташкили озмуни “Фурӯғ” бояд тағйироти ҷиддӣ сурат гирад: 40 дар сади довталабони даври ниҳоӣ (ба андешаи ман, албатта) аз сатҳи минтақаҳо бояд ба ин тараф намегузаштанд, чаро гузаштанд ва ба даври чумҳурӣ омаданд, номаълум...

Тибқи диалектика, бояд се навъи довталабон дар озмун ширкат мекарданд: онҳое, ки саводу дониши ниҳоят баланд доранд, дувум, онҳое, ки нисбатан хуб ҳастанд ва аз аввалиҳо андаке фарқ мекарданд ва онҳое, ки дониши миёна доранд.

АВВАЛиҳоро ҷудо кардан ва муайян кардан чандон душвор набуд.

ДУВУМиҳо набуданд, яъне ҷойҳояшон холӣ буд.

СЕВУМиҳо анбуҳи бузурги довталабонро ташкил медоданд: омодагиҳои аз категорияи якум хеле фарқкунанда.

Барои ҳамин ҳам дар муайян кардани ҷойҳои севум (се ҷой) мушкилу душвориҳои азим ба вуҷуд омад...

3. Дар масъалаи доварон. То кунун на дар комиссиюни чумҳуриявӣ ва на дар сохторҳои маорифу илм ва таълимгоҳҳои олӣ як андешаи маълум ва кайҳо собитшударо ба эътибор намегиранд, ки доктор ё номзади илм дигар асту шахси огоҳ аз осори бадеӣ дигар...

Ба иборате дигар - доктори илм дигар чиз асту донистани асари бадеӣ дигар.

Боз ба қавли дигар,

доктору профессор будан маънои донистани асари бадеиро надорад

(аз ҷониби доктору номзадҳо хондани қиссаву роман ё ҳикояҳо ва дигар маводи адабиро дар назар дорам). Чун оина маълум, ки

баъзе доктору номзадҳо ҳатто даҳ роман нахонда, доктору номзад шудаанд...

Магар ҳамин гапе ҳаст, ки пинҳон бошад???

Баръакс, ассистентҳо ва ҳатто магистрҳое ҳастанд, ки садҳо роману қиссаҳо хондаанд, инҳоро ба озмун ҷалб кардан лозим, то ки дуруст суол дода тавонанд ва агар довталаб иштибоҳе кард, ошкор бигӯянд, ин тур нест, ана ин хел аст...

Мисол меорам. Довталаб беш аз сӣ роман хондааст ва доварон панҷ нафаранд. Аз рӯйи инсоф агар ҳар доваре 6 роман дар зарфи 10-12 дақиқа бипурсад, довталаб пурра қонеъ хоҳад шуд. Аммо ҳамагӣ чор роман (ва он ҳам аз ҷониби доваре, ки онҳоро хондааст) пурсида шудаасту халос. Дигарон, ки нахондаанду намедонанд, чӣ суол бидиҳанд???

Магар бо суолҳое, аз қабили “ин чӣ асар аст, муаллифаш кист, дар бораи чӣ сухан меравад, канӣ як шунавем”, дониши довталабро муайян кардан мумкин аст? Донишро ҳамон вақт дақиқ кардан мумкин, ки аз даруни асар суол бидиҳӣ, аз лаҳзаву эпизодҳо бипурсӣ, авҷи ҳаводиси асар ва анҷоми онро пурсон шавӣ, шарҳи андешаи ниҳоии муаллиф ё ғояи онро аз довталаб тақозо кунӣ... Ва боз чандин варианти пурсишҳо ҳаст, агар худи довар он асарро хонда бошад... Агар ва агар...

Барои омодагӣ барои соли оянда комиссиюнро зарур аст, ки дар интихоби доварон хеле талош кунад. Гумонам, барои доварони оянда як аттестатсияи ҷиддӣ баргузор кардан ба мақсад мувофиқ аст. Камтарин меъёр барои довари сатҳи чумҳурӣ: пурра донистани 500 роман, 2 ҳазор қиссаву ҳикоя ва 100 драма...

4. Маълум, ки дар сатҳи минтақаҳо озмун дар шакли лозим сурат намегирад, агар мегирифт, довталабон бо саду як камбуду нақсу иллатҳо (бузургсол, аммо бо дусаду анд афсонаву масал, хонандаи синфи 10, аммо ҳамагӣ 4 роман, дафтарҳои пурғалат, ҷузвдонҳои пур аз мазмуни мухтасари асарҳо...) намеомаданд.

Магар дар даври севум ин ғалатҳо ва корҳои беҳударо ислоҳ кардан имкон надошт? Ин ҷо ҳам бояд меъёр бошад, вагарна дар даври ниҳоӣ харачу марачҳо зиёд хоҳад шуд.

Инак, меъёри роҳ ёфтани довталаб ба даври ниҳоӣ - на кам аз 100 роман, 50 қисса (повест), 50 драма, 200 шеър...

5. Масъалаи роҳ ёфтани бузурсолон (дар қишри ахир) ислоҳ мехоҳад: аксарияти онҳое, ки синнашон аз 70 гузаштааст, вақти пурсиш асарҳоро дар ёд надоранд, лаҳзаҳоро фаромӯш кардаанд, рӯйирост мегӯянд, ки “ман ин китобро дар наврасиҳо хондаам, ҳоло дар ёдам нест” ва ғайра. Шарм ва эҳтироми шарқиёна имкон намедиҳад, ки бигӯйӣ: пас, чаро ба ин ҷо омадед?


Хуб мешуд, ки аз ин гурӯҳ танҳо онҳое ба даври ниҳоӣ биёянд, ки хотираву ҳофизаи қавӣ дошта бошанд, саломатиашон хуб бошад. Ва боз хубтар мешуд, ки қишри бузурсолонро ба ду ҷудо кунанд: то 60-солаҳо ва баъди онҳо...

6. Маълум, ки дар даври ниҳоӣ ҳама мудирони маориф ва ҳатто муовинони раисони вилоятҳо барои фаҳмидани “вазъият” ба озмун меоянд, табиист, ки сабқат байни ин вазифадорон низ сурат мегирад: кадом минтақа дар сафи аввал аст ва кадом минтақа заифтар...

ПЕШНИҲОД ҲАМИН АСТ, КИ КАЛИМАИ “МИНТАҚА” АЗ ЛЕКСИКОНИ ОЗМУН БА ЧОҲИ ФАРОМӮШӢ ПАРТОФТА ШАВАД. ИН КАЛИМАИ ХАЛАЛРАСОН УМУМАН НЕСТУ НОБУД КАРДА ШАВАД.

Ба ҷойи ин калима - калимаҳои “шаҳру ноҳия” ба гардиш дароварда шавад. Сабқат миёни шаҳру ноҳияҳо сурат гирад, на минтақаҳо... Шаҳру ноҳияҳое ҳастанд, ки ҳатто дар сатҳи вилояту минтақаҳо ягон намоянда надоштанд, бигзор дар маҷаллаи “Хорпуштак” ин шаҳру ноҳияҳо бо унвони “Шаҳру ноҳияҳои бе китобу бе дафтар” муаррифӣ шаванд: бовари кас намеояд, ки дар як ноҳияи бузург ягон китобхон набошад... Мантиқан ду посухе ҳаст: ё тамоман нест, ё ҳасту ҷалб нашудаанд...

7. Дар муайян кардани ғолибони ҷойҳои яку ду аслан баҳс нест. Чаро? Чунки ҳам миқдор ва ҳам сифати асарҳои хондаашон гувоҳӣ медиҳад, ки инҳо аз ҳама беҳтаранд... Аммо дар муайян кардани ҷойҳои сеюм



баҳс мешавад. Хуб мебуд, ки ҳама номзадҳо барои ҷойҳои севумро ҷамъ карда, иншо ва ё эссе (моҳиятан инҳо яке ҳастанд) гирифта шавад.

Ба тарзи қуръапартоӣ аз ҷузвдони худи онҳо романеро интихоб карда, бигзор дар чорпанҷ саҳифа андешаҳояшонро нависанд.

Банда ба ин фикр банд шуда, суолномаеро мухтасар сохтам, ки чунин аст:

1). Асари бадеӣ (дар кадом жанре бошад) дар бораи чист?

2). Чаро чунин ном дорад?

3). Аз рӯйи сужет воқеаҳои асар дар куҷо ва кай мегузаранд?

4). Асар аз чӣ оғоз мешавад?

5). Кадом ҳодиса ё воқеа, аз назари шумо, асосист?

6). Кадом лаҳза ба шумо бештар писанд уфтод?

7). Киҳо дар асар иштирок мекунанд?

8). Қаҳрамони асосиро тавсиф кунед, ӯ чӣ гуна шахсият аст? Дар бораи қаҳрамони асосӣ дигар персонажҳо чӣ мегӯянд?

9). Назари муаллиф ба қаҳрамон чӣ гуна аст?

10). Асар аз чанд қисм иборат аст?

11). Унсурҳои сужетро (оғоз, гиреҳбандӣ, авҷ, гиреҳкушоӣ, хотима) мувофиқи имкон таҳлил кунед.

12). Жанри асар кадом аст?

13). Аз ин асар ба шумо чӣ писанд омад?

14). Идея ё муради муаллиф чӣ будааст?

15). Хулосаи шумо баъди мутолиаи ин асар.

Ин суолномаро метавон таҳрир кард, шояд андаке зиёд бошад, аммо муҳим, ки як суолномаи хуб бошад.

8. Қишр ё гурӯҳи дувуми синнусолиро ба ду ҷудо кардан лозим аст: синфҳои 5-8 ва 9-11. Ҳоҷат ба шарҳ надорад, ки хонандаи синфи панҷ куҷову синфи 11 куҷо... Ба ҷуз онҳое, ки қобилияти фавқулода доранд, яъне табиатан нобиға ҳастанд...

Боз чанд масъалае ҳаст, ки бо расидани фурсат сари онҳо сухбат хоҳам кард.



БУҶЕТИ ДАВЛАТИИ ТОҶИКИСТОН-2026

Аз манбаъҳои даромад то харочот

Буҷети давлатии Тоҷикистон барои соли 2026 қабул шуд. Ҳаҷми он 66,99 миллиард сомонӣ пешбинӣ шудааст. Хароҷоти буҷети давлатӣ дар соли 2026 нисбат ба соли 2025, ки дар он вақт ҳукумат буҷаро дар ҳаҷми 51,23 миллиард сомонӣ пешбинӣ карда буд, 30,76% афзоиш хоҳад ёфт. Дар соли оянда бузургтарин банди хароҷот барои бахши сӯзишворӣ ва энергетика ба нақша гирифта шудааст, ки 14,96 миллиард сомонӣ аст. Бахши маориф низ аз буҷа 13,67 миллиард сомонӣ маблағи бештар мегирад. Суғурта низ бо 8,49 миллиард сомонӣ дар сегонаи аввал қарор гирифтааст. Даромадҳои буҷети давлатии Тоҷикистон дар соли 2026 ба 65 миллиард сомонӣ баробар буда, 33,3%-и маҷмӯи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳанд.

ҲАҶМИ УМУМИИ БУҶА: 66,99 МЛРД СОМОНӢ

- +30,76% НИСБАТ БА СОЛИ 2025
- ДАРОМАДҲО: 65 МЛРД СОМОНӢ
- ҲИССА ДАР ММД: 33,3%

СОҲАҲОИ КАЛОНТАРИ ХАРОҶОТ

- СӮЗИШВОРӢ ВА ЭНЕРГЕТИКА: 14,96 МЛРД СОМОНӢ
- МАОРИФ: 13,67 МЛРД СОМОНӢ
- СУҒУРТА: 8,49 МЛРД СОМОНӢ

НИШОНДИҲАНДА БАРОИ ҲИСОБ (НИ)

- АЗ 1-УМИ ЯНВАРИ СОЛИ 2026 НИ: 75 → 78 СОМОНӢ
- ИСТИФОДА: АНДОЗҲО, ҶАРИМАҲО, БОҶҲО, ПАРДОХТҲОИ ҲАТМӢ

ШИРКАТҲОИ АСОСИИ ПАРДОХТКУНАНДА:

«Барқи тоҷик» - 1,553 млрд сомонӣ

«Обу корези Душанбе» - 10 млн сомонӣ

«Тоҷиктрансгаз» - 6 млн сомонӣ

«Помир Энержи» - 10 млн сомонӣ

«Ширкати алюминийи тоҷик» - 84 млн сомонӣ

«Роҳи оҳани Тоҷикистон» - 80,2 млн сомонӣ

«Хоҷагии манзилию коммуналӣ» - 11,4 млн сомонӣ

ХИДМАТРАСОНИИ ҚАРЗИ ХОРИҶӢ ДАР СОЛИ 2026: 5,1 МЛРД СОМОНӢ (548 МЛН ДОЛЛАР)

ТАҚСИМОТ: Аз буҷети ҷумҳуриявӣ - 3,3 млрд сомонӣ

ПАРДОХТИ ҚАРЗИ АСОСӢ (созишномаҳои фарӯ) - 1,8 млрд сомонӣ

ПАРДОХТИ ҚАРЗИ ДОХИЛӢ

ҲАҶМ: 473 млн сомонӣ
МАНБАЪҲО: Буҷети ҷумҳуриявӣ - 152,6 млн сомонӣ
Амонати Вазорати молия, амволи бонкҳои барҳамхӯрда - 320,4 млн сомонӣ

ҶАЛБИ ҚАРЗҲОИ НАВ:

6,3 млрд сомонӣ (678 млн доллар)

САМТ:

Лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ

МАЪРИФАТИ МОЛИЯВӢ

НИГОҲИ ДУ САРВАТМАНДИ ҶАҲОН

Чӣ гуна пул кор кардану идораи онро омӯзем?

Дар шароити имрӯза нархҳо боло мераванд ва имкониятҳо тағйир меёбанд. Аммо донистани чӣ гуна ба даст овардани пул, нигоҳ доштан ва зиёд кардани он хеле муҳим аст. Коршиносони маъруфи соҳаи молия дар ҷаҳон, ба мисли Роберт Киосаки ва Бодо Шефер таъкид мекунанд, ки инсон пеш аз ҳама бояд муносибаташро бо пул тағйир диҳад, на танҳо маблағро бештар ба даст орад. Дар зер панҷ қадаме оварда мешавад, ки мутахассисони молиявӣ тавсия медиҳанд ва ҳар кас метавонад онҳоро бидуни харҷи зиёд дар ҳаёти худ амалӣ намояд.

ҚАДАМИ АВВАЛИ РОҲИ МОЛИЯВӢ

Роберт Киосаки, муаллифи китоби машҳури «Падари сарватманд, падари камбизоат» мегӯяд: «Мушкилоти бештари мардум на дар набудани пул, балки дар набудани дониш аст». Китобҳо, курсҳои махсус, подкастҳо ва видеоҳои омӯзишӣ метавонанд фаҳмиши моро дар бораи пул, иқтисод, сармоягузорӣ ва имкониятҳои корӣ бештар кунанд. Сарватманди ҷаҳон Бодо Шефер низ таъкид мекунад, ки ҳар шахс бояд қобилияти иқтисодии худро ҳамеша рушд диҳад, зеро дониш бехтарин сармоягузорӣ аст.

ЭҶОДИ БУҶЕТИ ШАХСӢ

Мутахассисон ба он назаранд, ки навиштани тамоми даромад ва хароҷот аллакай 30% мушкилоти молиявиро ҳал мекунад. Бучет ба инсон ёрӣ медиҳад, то дарк намояд, ки пул ба кучо меравад ва чӣ гуна метавонад хароҷоти нолозимро кам кунад. Бодо Шефер пешниҳод мекунад, ки ҳар шахс бояд бо пули худ “музокира кунад”. Яъне, ҳар як сомонии фоида ва хароҷот назорат карда шавад.

ОДАТИ ХУРД, АММО НАТИҶАИ БУЗУРГ

Агар шахс аз маош танҳо 10% пасандоз кунад, бо гузашти вақт маблағи зиёд ҷамъ мешавад. Ба ибораи дигар, “қатра-қатра оқибат дарё мешавад”. Боз Шефер таъкид мекунад, ки пасандоз танҳо ҷамъ кардани пул нест, балки тарзи фикрронӣ аст. Ин маънои онро дорад, ки пеш аз ҳама барои ояндаи худ маблағ ҷудо намоед, на барои хароҷоти рӯзмарра.

ДАРОМАДИ ИЛОВАГӢ - АМНИЯТИ МОЛИЯВӢ

Роберт Киосаки борҳо гуфтааст, ки такя ба як манбаи даромад хатарнок аст. Барои ҳамин имрӯз миллионҳо одам дар ҷаҳон корҳои онлайн, фриланс, тиҷорати хурд ва хизматрасониҳои хусусиро интихоб мекунанд. Даромади дуюм на танҳо маблағ, балки имконяти бештар, таҷриба ва ҳатто роҳи нави касбиро ба вуҷуд меорад.

САРМОЯГУЗОРӢ ВА СОХТАНИ ОЯНДАИ УСТУВОР

Пеш аз сармоягузорӣ омӯзиш ҳатмӣ аст. Киосаки таъкид мекунад, ки сармоягузор бояд на пул, балки рафтори пулро омӯзад. Ин метавонад аз пасандозҳои бонкӣ ва харидани тило сар шуда, то сармоягузорӣ дар тиҷорат, моли қиматбаҳо ё амволи ғайриманқул идома ёбад. Коршиносон бар он назаранд, ки «сармоягузории бехтарин - ин сармоягузорӣ ба дониш аст».

Вақте фаҳмиши иқтисодӣ пайдо мешавад, интихоби роҳҳои дуруст хеле осон мегардад.

Хулоса, саводи молиявӣ на танҳо барои сарватмандон, балки барои ҳар шахс зарур аст. Бо амалӣ намудани панҷ қадаме, ки ном бурдем, ҳар кас метавонад назорати молиявии худро бехтар намояд. Ҳамчунин, ба ояндаи устувор замина гузорад. Тавре Роберт Киосаки мегӯяд: «Пул барои касе кор мекунад, ки чӣ гуна кор кардани онро фаҳмад».

Усмон РАҲИМЗОДА



ШАҲИДИ РОҲИ АДОЛАТ

ГИРОМИДОШТИ 80-СОЛАГИИ МУРОДУЛЛОҲ ШЕРАЛИЗОДА ДАР ШАҲРИ ПАНҶАКЕНТ



“Соли 1958. Деҳаи Панҷрӯд - зодгоҳи Одамушшуаро серодам аст. Меҳмонон аз дохилу хориҷ ба таҷлили ҷашни 1100-солагии устод Рӯдакӣ омадаанд. Наврасе бо садои марғуладор “Бӯйи ҷӯйи Мӯлиён ояд ҳаме”-ро қироат кард. Донишманди бузурги Эрон Саид Нафисӣ аз қироати зебои шеъри устод Рӯдакӣ ба шӯр омад ва наврасро ба оғӯш гирифта, аз пешониаш бӯса кард ва ба ӯ дуои нек дод. Ин наврас Муродуллоҳ Шералиев, хонандаи мактаби деҳаи Кулолӣ буд…”,- ба ёд меорад Холиқул Ҷӯраев, дӯсти Муродуллоҳ Шерализода ва ба меҳмонон рӯй оварда, идома медиҳад: “Чӣ хуб аст, ки бузургдошти 80-солагии Муродуллоҳ низ аз Панҷрӯд оғоз шуд…”.





Меҳмонон, ки нав аз Душанбеву Хуҷанд ва Самарқанд ба Панҷрӯд расидаанд, хотироти Холиқул Ҷӯраевро бодиққат гӯш медоданд. Чун сухан аз қироати шеъри устод Рӯдакӣ рафт, сиёсатмадор ва дипломати номвар **Эркин Раҳматуллозода** бо ҳаяҷон қироат кард:

Ҳеҷ шодӣ нест андар ин ҷаҳон,
Бартар аз дидори рӯйи дӯстон...

Мирзомаҳмуд Мирбобоев, собиқадори матбуот ва дӯсти наздики Муродуллоҳ Шерализода идома дод:

Ҳеҷ талхӣ нест дар дил талхтар,
Аз фироқи дӯстони пурҳунар.

Рӯзноманигорон **Ворис, Шариф Ҳамдампур, Ҳотами Ҳомид, Бузургмеҳри Тоҷиддин** бо навбат байтҳои устод Рӯдакиро ба ёди Муродуллоҳ Шерализода қироат мекарданд.

Пас аз зиёрати Оромгоҳи устод Рӯдакӣ меҳмонон - вакилони парлумон, рӯзноманигорон, ходимони давлатӣ ва дӯстону ҳамкорони марҳум Муродуллоҳ Шерализода ба мактаби рақами 7-и деҳаи Кулолӣ омаданд. Мактабе, ки 8 даҳсола пеш наврасе нахустин бор пой бар остони он гузошт, бол баровард ва парвоз кард ба сӯйи орзуҳо. Факултаи таъриху филологияи Донишгоҳи омӯзгории Тоҷикистонро хатм карда, нахуст дар рӯзномаи маъруфи “Маориф ва маданият”, баъдан дар Институти таърихи







ҳизби КМ ҲК ба ҳайси тарҷумон ва баъдан ходими илмӣ, дар шаҳрҳои Кобул ва Мазори Шарифи Афғонистон ба ҳайси тарҷумон, дар шуъбаи равобити байналмилалии КМ ҲК, ёвари Котиби якуми ҲК Тоҷикистон Қаҳҳор Маҳкамов кор кард. Обрӯву нуфуз ёфт. Рисолаи илмӣ дифоъ кард. Вакили Шурои Олӣ ва нахустин сармуҳаррири нашрияи парлумонии “Садои мардум” интихоб шуд... Вале... 5-уми майи соли 1992 дар саҳни Шурои Олӣ ҳадафи тир қарор гирифт. Ӯ ҳамагӣ 47 сол дошт...

... Мактаби деҳаи Кулолӣ ба муносибти ҷашни 80-солагии Муродуллоҳ Шерализода бо ташаббуси мақомоти шаҳри Панҷакент, соҳибкорону сокинони деҳа таъмир карда шудааст. Синфхонаҳои фаннӣ, китобхона ва варзишгоҳи замонавӣ дар муддати хеле кӯтоҳ мавриди истифода қарор гирифтанд...

Меҳмонон дар пояи нимпайкараи Муродуллоҳ Шерализода гулчанбар гузоштанд. **Ин ҳамон нимпайкараест, ки он соли 1993 бо ташаббуси раиси вақти Шурои Олӣ ва ҳоло Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қомат афрохтаву якҷо бо оромгоҳ ва хона-музейи марҳум ифтитоҳ гардида буд...**

Раиси шаҳри Панҷакент, узви Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Тоҷикистон **Абдухолиқ Холиқзода** меҳмононро хайрамакдам гуфта, таъкид кард:



- Пешвои муаззами миллат соли 1993 дар маросими ифтитоҳи хона-музейи ходими давлатӣ, журналисти варзида, нахустин сардабири рӯзномаи "Садои мардум ", аввалин қурбонии роҳи мубориза барои мустаҳкам намудани давлату ҳукумати қонунии Тоҷикистон Муродуллоҳ Шерализода сухан карда, гуфтаанд: "Муродуллоҳ барин шахсони начиб рӯзгори худро бидуни хизмати халқ тасаввур карда наметавонистанд. Ӯ воқеан ҳам донишманди фозил, фарзонамарди соҳаи фарҳангу маданият, арбоби барҷастаи давлатӣ буда, таҳким бахшидани дӯстию бародарии ҷовидонаи тамоми халқҳою миллатҳои ҷумҳуриамон, вахдату якпорчагии Тоҷикистони азизро ҳадафи волои худ ҳисобида буд”.

Пирони деҳа **Бобомурод Бутазода, Холиқул Ҷӯраев, Иноят Азизмуродов** дар суханрониҳояшон дар бораи Муродуллоҳ Шерализода, даврони кӯдакиву наврасиаш дар деҳа, шахсияти ҳалиму хоксор ва меҳрубон буданаш ва дар ҳама ҳолат барои арзишҳои давлатӣ мубориза бурданаш таъкид карданд.



- Соли 1990 дар арафаи интихоботи депутатии Шурои Олӣ барои корҳои ташвиқу тарғиб Муродуллоҳ ба деҳа омад. Шаб барфи зиёд борид. Дар деҳаи Артуч будем, ки аз радио хабари нооромиҳои февралиро доданд. Муродуллоҳ шабона ба роҳ баромад. Гуфт дар ин вазъи душвор набояд Қаҳҳор Маҳкамовро танҳо гузорад, зеро ӯ ёрдамчии саркори кишвар буд. Ӯ чунин нафари фидоӣ буд,- ба ёд оварди 94-солаи деҳаи Кулолӣ **Иноят Азизмуродов.**

Дар идома меҳмонон бо роҳнамоии раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода аз хона-музейи Муродуллоҳ Шерализода, ки дар ҳавлии падарии марҳум бунёд шудааст, боздид карданд. Ин хона-музей низ соли 1993 бино шуда, солҳо ба гӯшаи фаромӯшӣ афтода буд. Инак, бо маблағгузории ҳукумати шаҳр он таъмиру азнавсозӣ шуд ва дубора дарҳояш ба рӯйи меҳмонон боз гардид.



Рӯзноманигори шинохта, раиси Шурои ВАО **Хуринисо Ализода** пас аз тамошои хона-музей гуфт: “Муродуллоҳ Шерализода аввалин шаҳиди роҳи давлати конститутсионӣ аст, ки ба хотири ормонҳои миллӣ ва арзишҳои конститутсиониро ҳимоя кардан кушта шуд. Шояд насли нав надонад, ки ӯ кӣ буд ва дар таърихи Истиқлоли Тоҷикистон киҳо барои Ватан ҷоннисорӣ карданд. Баргузории чунин чорабиниҳо ва боз шудани чунин хона-музейҳо бисёр муҳим аст, барои тарбияи насли наврас, барои он ки онҳо ба таърих арҷ гузоранд ва дар бораи чунин шахсони фидоӣ маълумот дошта бошанд...”.

Яке аз шахсиятҳои маъруфи



Самарқанд **Амина Шарофиддинова**, ки ҳамроҳ бо рӯзноманигорони маъруфи рӯзномаи “Овози тоҷик” Мирасрори Фарғонӣ ва Зоҳир Ҳасанзода меҳмони ин ҷашн буданд, дар суханрониаш таъкид кард: “Ман Муродуллоҳ Шерализодаро мешинохтам. Бо ин марди бузург ду маротиба дидору мулоқот доштам, вале гумон намекардам, ки ба ин зудӣ ӯро аз даст медиҳем. Ман эшонро ба сифати эталон қабул карда будам. Аз гуфтору пиндорашон як инсони заминӣ ва самимӣ буданд...”.

Дар идома раиси шаҳри Панҷакент, муовини сармуҳаррири рӯзномаи “Садои мардум” **Далери Абдулло,** собиқадори матбуот **Мирзомаҳмуд Мирбобоев,** сиёсатмадор **Эркин Раҳматуллозода** низ дар бораи марҳум Муродуллоҳ Шерализода сухан гуфтанд.



Шоира Меҳринисо ин суханрониҳоро бо як шеъраш, ки руҷӯйи Муродуллоҳ Шерализода аст, ҷамъбаст намуд:

Агар бо ман насозад
нокасе, хайр,
Диламро бишканад
хору хасе, хайр,
Агар мирад умедам
нимаи роҳ,
Шавам навмед аз
дилвопасӣ, хайр.
Ватан тинҷу амон
бошад, кифоя,
Шукӯҳу шавкату
номи бузургаш
Дар олам ҷовидон бошад,
кифоя.

Дар поёни рӯзи 26-уми ноябр меҳмонон оромгоҳи нав бо маблағгузории мақомоти шаҳри Панҷакент бозсозишудаи Муродуллоҳ Шерализодаро зиёрат карданд. Пас аз ин, меҳмонон аз дастовардҳои фарҳангии Панҷакент - осорхонаи шоир Мастон Шералӣ дар деҳаи Зери Ҳисор, хона-музейи шоир Файзулло Ансорӣ дар деҳаи Некнот, мақбараи Хоҷа Муҳаммади Башоро, ки ба Феҳристи мероси башарии ЮНЕСКО шомил аст ва хона-музейи устод Лоиқ дар деҳаи Мазори Шариф дидан карданд.

Субҳи рӯзи 27-уми ноябр толори бошукӯҳи Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Панҷакент серодам буд. Рӯзноманигорони маъруфи кишвар Зиннатуллоҳ Исмоилзода, Мирзомаҳмуд Мирбобоев, Рачаби Мирзо, Хуринисо Ализода, Хуршеди Атовулло, Қурбоналӣ Раҳмонзода, Нуриддин Қаршибоев Мардони Муҳаммад, Бузургмеҳри Баҳодур, Гулноз Бобомуродова, Қироншоҳ Шарифзода, Мурод Муродӣ, Сангин Гулзод, Ворис, Ҳотами Ҳомид, Фазлиддин Асозода, Усмон Раҳимзода, Синои Холиқ, Раҳими Карим, А. Собир, Бобо Холмуродзода, Амина Шарофиддинова, Мирасрори Фарғонӣ, Зоҳир Ҳасанзода ва дигарон аз Душанбеву Хуҷанд ва Самарқанду Тошканд барои таҷлил аз 80-солагии Муродуллоҳ Шерализода ва ширкат дар ҳамоиши илмӣ таҳти унвони “Муродуллоҳ Шерализода - ходими давлативу ҷамъиятӣ” ба ин ҷо ташриф оварда буданд.

(Давомаш дар саҳ. 10)

ШАҲИДИ РОҲИ АДОЛАТ

(Аввалаш дар саҳ. 9)



Ҳамоишро муовини раиси вилояти Суғд **Исмоилзода Зуфар Муртазохон** ифтитоҳ карда, дар идома раиси шаҳри Панҷакент **Абдухолиқ Холиқзода,** вакили Маҷлиси намояндагон **Парвиз Шодизода,** раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон **Зиннатуллоҳ Исмоилзода,** сардабири ҳафтаномаи "Тоҷикистон" **Шариф Ҳамдампур,** собиқ мушовири давлатии Президенти Тоҷикистон оид ба сиёсати хориҷӣ **Эркин Раҳматуллозода,** сармуҳаррири рӯзномаи "Ҷумҳурият" **Қурбоналӣ Раҳмонзода,** муовини сардабири рӯзномаи "Садои мардум" **Далер Абдулло,** доктори илми филологӣ, профессор **Абдунабӣ Сатторзода,** ходими давлативу сиёсӣ **Абдуҳалим Ғаффорзода**, шоир **Исмоил Зарифӣ,** сармуҳаррири нашрияи "Зарафшон" **Луқмон Қурбон,** ходимони давлативу сиёсӣ **Абдусаттор Ҷабборов** ва **Шириншоҳ Шафоатов** ва дигарон суханронӣ карданд.

Раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода дар суханронии хеш таъкид кард, ки чорабинии мазкур бо мақсади татбиқи сиёсати иҷтимоии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва раҳнамоиҳои раиси вилояти Суғд Рачаб Аҳмадзода ба ифтихори 80-солагии ходими намоёни давлативу ҷамъиятӣ, рӯзноманигор, собиқ сардабири рӯзномаи "Садои мардум" ва вакили Шурои Олии Тоҷикистон Муродуллоҳ Шерализода баргузор мешавад. Холиқзода зимни суханронии хеш ёдовар гардид, ки Муродуллоҳ Шерализода дар фаъолияти рӯзноманигорӣ намунаи масъулиятшиносӣ, ватандӯстӣ, садоқат ба арзишҳои инсондӯстӣ ва одобу ахлоқи ҳамида буд.



Исмоилзода Зуфар, муовини раиси вилояти Суғд дар суханрони хеш қайд кард: "Муродуллоҳ Шерализода дар айни камолот, дар синни 47-солагӣ, 5-уми майи соли 1992 аз ҷониби гурӯҳҳои мухолифин ва манфиатчӯ ҳадафи тир қарор гирифт. Ӯ чун рамзи ҳақиқат, донишманди комил, сиёсатмадори варзида, рӯзноманигори соҳибном шинохта шуда, номи некаш дар қалбҳои мо зинда аст".

Дипломат ва сиёсатмадори номвар **Эркин Раҳматуллозода,** ки аз солҳои 80-ум, аз замони фаъолияташ дар вазифаи муовини вазири корҳои хориҷии кишвар бо Муродуллоҳ Шерализода риштаи дӯстӣ дошт, дар суханрониаш марҳумро бародар хонд: "Бародаре, ки сирати зебояш таҷаллии сифоти ҳамида буду як назар ба сурати дилҷӯяш то имрӯз ормони дӯстони ба орзу норасида. Бародаре, ки дар муқобили такопую ҳаёҳуи як идда кӯтоҳназарон рафтору гуфтору кирдораш ҳамагӣ ҳурмузӣ буд, нек мегуфту нек мекард ва мепиндошт, ки посухи дунёи дунпарвар низ нек хоҳад шуд.

Ҳайҳот, ки:

Назди арбоби яқин дори фано ҷое нест,
Ватани аслии ин тоифа ҷойи дигар аст.

Ҳаққову ҳаққо. Худованди муттаол ҷаннатулмаъворо насиби ту гардонад, бародари ба ҷону дил баробарам Муродуллоҳ Шерализода".



Вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон **Парвиз Шодизода** дар идома гуфт: "Ҳаёт ва фаъолияти Муродуллоҳ Шерализода барои мо намунаи ибрат аст, зеро дар синну соли ҷавонӣ ин сиёсатмадор, олим ва рӯзноманигор тавонист вакили Шурои Олӣ гардад. Ҳамчун аввалин сармуҳаррири рӯзномаи парлумонии "Садои мардум" интихоб гардида, дар муддати кӯтоҳ онро ҳамчун рӯзномаи хеле муҳими сиёсиву ҷамъиятӣ муаррифӣ кунад...".



Профессор **Абдунабӣ Сатторзода** зимни суханрониаш қатли Муродуллоҳ Шерализодаро оғози ҷанги тахмилии шахрвандӣ дар Тоҷикистон арзёбӣ кард: "Рӯзи қатли Муродуллоҳ Шерализода - 5 майи соли 1992 амри тасодуф набояд бошад, зеро рӯзи оғози ҷанги шаҳрвандии тахмилӣ дар Тоҷикистон низ буд. Нахустин задухӯрдҳои мусаллаҳона он рӯз дар минтақаи Оли Совети ноҳияи онвақтаи Ленин (ҳоло Рӯдакӣ) рух дода буданд...".



Шириншоҳ Шафоатов, вакили Шурои Олии Тоҷикистон даъвати 12-ум, ки дар рӯзи охирини умраш ҳамроҳи Муродуллоҳ Шерализода буд, хотироти онро рӯзро чунин ёдоварӣ кард: "Рӯзи 5-уми май буд. Ҳар дуямон ба майдони "Озодӣ" баромадем, зеро сокинони Панҷакент ҳам ба майдон омада буданд. Бо онҳо суҳбат кардем. Муродуллоҳ парешон буд. Ба онҳо гуфт, ки "вазъият бекора, ба хонаҳояшон баргардед". Соат 2 шуда буд. Гуфтам, ки биёед, ягон ҷо хӯроки нисфирӯзӣ хӯрем. Фикр карданду гуфтанд: "Шириншоҳ, дӯстам, ман дар назди шумо қарздор, лекин ҳозир чанд масъулият дар гардани ман бор, бо шумо рафта наметавонам...". Баъди чанд лаҳза хабар омад, ки Муродуллоҳро дар саҳни Шурои Олӣ парронданд. Ӯ шахсан сиёсати давлатро пеш мебарам гуфта ҷон дод. Агар ҳамон лаҳза хӯрокхӯрӣ мерафтем, шояд ҳамон ҳодиса рух намедод...".

Қурбоналӣ Раҳмонзода, сармуҳаррири рӯзномаи "Ҷумҳурият" қатли Муродуллоҳ Шерализодаро амали ҳадафмандона



номид: "Мутаассифона, баъди Муродуллоҳ Шерализода Муҳиддин Олимпур ва пас аз он Сайф Раҳимзоди Афардӣ ҳадафи тири душманон қарор гирифтанд. Яъне як давраи мудҳиш буд, ки гулчин карда, саромадони журналистикаи муосирро ҳадафи тир қарор доданд...".



Зиннатуллоҳ Исмоилзода, раиси Иттифоқи журналистони Тоҷикистон бузургдошти хотираи Муродуллоҳ Шерализодаро муҳим ва саривақтӣ арзёбӣ кард. "Тайи чанд рӯз аст, ки ба баракати ин иқдом ва ба баракати исми шарифи Муродуллоҳ Шерализода тамоми аҳли эҷод дар яке аз марказҳои фарҳангии бостонии мо - шаҳри Панҷакент ҷамъ омаданд. Ин далели он аст, ки дар Тоҷикистон ба қадри эҷодкор, ба қадри заҳмати эҷодкор мерасанд...",- гуфт номбурда.

Дар доираи ин ҳамоиш китоби журналист ва публитсист Шариф Ҳамдампур - **"Вақте ки ҳақиқат тир хӯрд",** ки ба ҳаёту фаъолияти Муродуллоҳ Шерализода бахшида шудааст, рӯнамоӣ ва ба иштирокчиён тақдим карда шуд.

Дар фарҷоми маҳфил барои дар сатҳи баланд тақлил кардани 80-солагии Муродуллоҳ Шерализода раиси шаҳри Панҷакент Абдухолиқ Холиқзода бо ҷоизаи махсуси ҳафтаномаи "Тоҷикистон" Нишони сарисинагии ба номи Муродуллоҳ Шерализода сарфароз гардонида шуд.

Одил НОЗИР
Панҷакент - Душанбе





МУЛОҚОТ БО ҲАЙАТИ ДАФТАРИ ҲАМКОРИИ ИҚТИСОДИИ КОНФЕДЕРАТСИЯИ ШВЕЙТСАРИЯ

1-уми декабри соли равон раиси Бонки миллии Тоҷикистон Фирдавс Толибзода бо ҳайати Дафтари ҳамкории иқтисодии Конфедератсияи Швейтсария (SECO) таҳти роҳбарии Дениз Люти - директори Дафтари ҳамкории Швейтсария дар Тоҷикистон ва Роналд Гиндрат - менеҷери барномаҳои минтақавии SECO мулоқот намуд.

Зимни мулоқот Фирдавс Толибзода зикр намуд, ки низоми молиявии кишвар тайи солҳои охир ба марҳилаи нави рушди устувор ворид гардида, таҳкими низоми бонкӣ, рушди хизматрасониҳои рақамӣ, афзоиши фарогирии молиявӣ ва ҷалби сармояи хориҷӣ аз дастовардҳои муҳим ба шумор мераванд. Таъкид гардид, ки лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ «Тақвияти бахши молиявӣ дар Тоҷикистон» (марҳилаи II), ки бо дастгирии SECO амалӣ мегардад, ба татбиқи стандартҳои Basel II-III, таҳким бахшидани назорати ба хавф нигаронидашуда, ҳамгироии хавфҳои вобаста ба тағйирёбии иқлим, такмили инфрасохтори низоми пардохтҳо ва таъмини ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мусоидат намуд.

Раиси Бонки миллии Тоҷикистон аз ҳайати SECO даъват намуд, ки дар такмили минбаъдаи низоми макропруденсиалӣ, таҳкими асосҳои ҳуқуқӣ дар самти ҳимояи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои рақамӣ ва суғуртавӣ, ташкили барномаҳои омӯзишии иловагӣ, инчунин баррасии имконияти оғози марҳилаи III мусоидат намояд.

Дар идома, таҳти роҳбарии муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Далер Муродализода ҷаласаи навбатии Кумитаи ҳамоҳангсозии техникии лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ ва SECO «Тақвияти бахши молиявӣ дар Тоҷикистон» баргузор гардид. Зимни ҷаласа натиҷаҳои санҷишҳои марҳилавӣ ва пешрафтҳои асосии лоиҳа тавассути рӯнамоҳо манзур гардида, масъалаҳои муҳими такмили назорати бонкӣ, таҳлили хавфҳо, суботи молиявӣ, рушди бозори коғазҳои қиматнок, ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ ва бехтарсозии инфрасохтори низоми пардохтҳо мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

100-СОМОНИИ ҶАШНӢ ДАР ОЗМУНИ HIGH SECURITY PRINTING

беҳтарин банкнотаи ҷашнии соли 2025 дониста шуд

Банкнотаи ҷашнии Бонки миллии Тоҷикистон бо арзиши 100 сомонӣ, ки ба муносибати 25-солагии бароариши пули миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон — сомонӣ ба муомилот бароварда шудааст, дар озмуни байналмилалии High Security Printing дар номинатсияи «Беҳтарин банкнотаи ҷашнӣ дар соли 2025» сазовори ҷоизаи олӣ гардид. Ҷоизаи мазкур дар маросиме, ки 2 декабри соли ҷорӣ дар шаҳри Куала Лумпур (Малайзия) баргузор шуд, ба муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ супорида шуд.

Зимни муаррифии пули ҷашнӣ муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Сироҷиддин Икромӣ бо рунамо дар мавзуи “Вақте ки анъанаҳо бо технологияи муосир ва бехатар омезиш меёбанд” ба иштирокдорон оид ба Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърихи 25-соли ба муомилот бароварданди пули миллӣ — сомонӣ ва хусусиятҳои банкнотаи пули ҷашнӣ маълумот дод.

Озмуни High Security Printing яке аз озмунҳои бонуфузи ҷаҳонӣ буда, ҳамасола дар доираи конфронсҳои байналмилалӣ барои навовариҳои беҳтарин дар самти таҳияи маблағҳои пулӣ ва ҳуҷҷатҳои дорои сатҳи баланди ҳимоя гузаронида мешавад. Дар озмун ба маҷмуи сифатҳои банкнотаҳо - ороиши бадеӣ, ҳунари тарроҳӣ, навовариҳои технологӣ ва рамзҳо, ки симои фарҳангӣ ва миллии кишвари эмитентро инъикос менамоянд, баҳои касбӣ дода мешавад. Ҷоизаи High Security Printing ба сатҳи баланди ҳимоя ва навовариҳое, ки Бонки миллии Тоҷикистон зимни таҳияи пули миллии ҷашнӣ истифода бурдааст, ишора менамояд.



Банкнотаи ҷашнии арзишаш 100 сомонӣ санаи 30 октябри соли 2025 ба муомилот бароварда шуда, нахустин пули ҷашнии коғазӣ дар таърихи давлати соҳибистиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки ба санаи муҳим бахшида шудааст. Мукофоти High Security Printing на танҳо эътирофи байналмилалии сатҳи баланди маҳорати тарроҳон ва мутахассисони ватанӣ, балки ҳамзамон нишондиҳандаи талошҳои Бонки миллии Тоҷикистон дар истифодаи технологияи пешрафта бо омезиши урфу анъана ва арҷгузорӣ ба ниёгон дар истеҳсоли пули миллӣ мебошад.

P.S. *Озмуни High Security Printing озмуни байналмилалӣ буда, яке аз муҳимтарин платформаҳои баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои дорои сатҳи баланди ҳимоя мебошад. Дар озмун бонкнотҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои махсуси кишварҳои гуногун аз рӯйи сатҳи ҳифз, тарроҳӣ ва навовариҳои технологӣ аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ баҳогузорӣ мегарданд.*

МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

- кори дастаҷамъӣ

2-юми декабри соли 2025 таҳти раёсати муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ бо иштироки муовини сардори Раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Рабизода Диловар, роҳбарони воҳидҳои сохторӣ, кормандони масъули иҷрои Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз дастгоҳи марказӣ ва намояндагони шуъбаҳои минтақавии бонк вохӯрии корӣ баргузор гардид.



Дар мулоқот масъалаҳои марбут ба пешгирӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳое, ки ба содир гардидани ҷиноятҳои хусусияти коррупсионӣ дошта мусоидат мекунанд, инчунин татбиқи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мавриди баррасӣ қарор гирифт. Иштирокдорон таъсири манфии коррупсия ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар, пайомадҳои он ва роҳҳои пурзӯр намудани мубориза бо ин зуҳуроти номатлубро муҳокима намуданд.

Муовини раиси БМТ Гулбаҳор Назирӣ дар суханронии худ зикр кард, ки коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди ҷомеа буда, эътимодро коҳиш медиҳад, муҳити иқтисодиро халалдор месозад ва хилофи принсипҳои адолати иҷтимоӣ амал менамояд. Ҳамин аст, ки Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани Истиқлол, бо ташаббусҳои созандаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон заминаҳои устувори ҳуқуқию ташкилии мубориза бар зидди коррупсияро фароҳам овардааст.

Дар идома, муовини директори департаменти аудити дохилии бонк Бӯстоналӣ Холиқов доир ба Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия иттилоъ дода, ёдовар шуд, ки Бонки миллӣ ҳамчун мақоми соҳавӣ ҳар сол нақшаҳои дохиилиидоравии амалисозии онро таҳия ва татбиқ мекунад. Соли ҷорӣ низ бо қарори Раёсати бонк Нақшаи чорабиниҳо оид ба муқовимат ба коррупсия тасдиқ гардида, мавриди иҷро қарор дорад.

Муовини сардори Раёсати муқовимат ба коррупсияи АНДММК Рабизода Д. Н. низ зимни баромад оид ба зарурат ва муҳимияти қабулу татбиқи Стратегия суханронӣ намуда, ба оқибатҳои вазнин ва зараровари падида ишора кард. Ӯ бо овардани мисолҳои мушаххас механизмҳои пешгирӣ аз амалҳои коррупсиониро шарҳ дода, иштирокдорони ҳамоишро ба саҳмгузории фаъол дар ин ҷода даъват намуд.

Зимнан, муовини раиси Бонки миллии Тоҷикистон Гулбаҳор Назирӣ низ таъкид кард, ки мубориза бо коррупсия танҳо вазифаи мақомоти ҳифзи ҳуқуқ набуда, ҳар як шаҳрванд бояд бо ин зуҳурот муқовимат намояд ва дар пешгирии он саҳми худро гузорад. Номбурда дар пайравӣ ба суханрониҳои Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуд, ки дар мубориза бо амалҳои коррупсионӣ бетарафӣ раво нест ва ҳар шахс бояд дар раванди ташаккули тафаккури зиддикоррупсионӣ саҳм бигирад.

Дар анҷоми вохӯрӣ зарурати тақвияти доимии корҳои фаҳмондадиҳӣ, баланд бардоштани фарҳанги ҳуқуқӣ ва фароҳам овардани муҳити оштинопазир нисбат ба амалҳои коррупсионӣ таъкид гардид.

МИГРЕН

9 роҳи пешгирӣ дар зимистон



Фасли зимистон ҳам фаро расид. Бо сабаби тағйирёбии вазъи боду ҳаво ва пастшавии ҳарорат шахсоне, ки ба мигрен гирифторанд, дар ин айём бештар аз дарди сар азият мекашанд. Нишонаҳои асосии ин беморӣ дилбеҳузурӣ, ҳассосият ба рӯшноию садо ва дарди ҷонкоҳи сар аст. Имрӯз мо ба шумо дар бораи роҳҳои пешгирии ин беморӣ ва паст кардани шиддати дардҳои мигрении сар маълумот медиҳем.

ЧАРО МИГРЕН ДАР ЗИМИСТОН АВҶ МЕГИРАД?

Мигрен як намуди дарди сар мебошад, ки дар натиҷаи тағирёбии ҳарорат, фишори атмосферӣ ва гармии хона дар моҳҳои нисбатан сардтари сол бештар авҷ мегирад.

Стресс ва асабонияти зиёд низ метавонад боиси шиддат гирифтани сардарди мигренӣ бигардад.

Омили дигари беморӣ коҳиши таъсири нурҳои офтоб ба сатҳи серотонин аст.

САБАБҲОИ АСОСИИ МИГРЕН ИНҲОЯНД:

Ҳавои хунук. Якбора паст шудани ҳарорати ҳаво боиси тангшавии рагҳои хун гашта, дар натиҷа хун дар майнаи сар хуб гардиш намекунад ва албатта ин метавонад боиси ташаннуҷ ва мигрен гардад. Камфаъолиятӣ. Аксари одамон дар мавсими сармо танбал шуда, хеле кам ба кӯча мебароянд. Камфаъолиятӣ боиси хуруҷи мигрен гашта метавонад.

Ҳавои хушки утоқи хоб. Асбобҳои гуногуни барқие, ки мову шумо ба хотири гарм кардани утоқҳои худ дар айёми сардӣ истифода мебарем, ҳавои хонаро хушк месозанд. Ҳавои хушк боиси деградатсия мегардад, ки сабаби маъмултарини мигрен ва дарди сар мебошад.

РОҲҲОИ ПЕШГИРӢ:

1. Бештар об нӯшед!

Тавре қайд кардем, деградатсия сабаби маъмултарини мигрен ва дарди сар аст. Аз сабаби хушкшавии ҳавои дар муҳити атроф буда ҷисми инсон бештар обро талаф медиҳад, бинобар ин, кӯшиш кунед ҳар рӯз на камтар аз ду-се литр об нӯшед, то ки ҷисми шумо бо мушкили камобӣ дучор гаштаву дарди саратон авҷ нагирад. Дар ин мавсим ҳамчунин нӯшидани чойҳои гиёҳӣ ва шарбатҳои мевагӣ муфид буда, дар нигоҳ доштани гидрататсия кумак мерасонанд.

2. Аз нурҳои офтоб баҳра баред!

Маъмулан дар фаслҳои сарди сол одамон камтар ба кӯча мебароянд ва ба таври бояду шояд аз нурҳои офтоб баҳра намебардоранд. Ин метавонад боиси кам шудани сатҳи витамини D дар организм гардад, ки дар навбати худ ба сатҳи серотонин таъсир мерасонад ва мигренро ба вуҷуд меорад. Барои пешгирӣ кардани дарди сар нимаи дуюми рӯз вақти худро бештар берун аз бино гузаронидан лозим аст.

3. Аз асабоният ва стресс дурӣ биҷӯед!

Барои гирифторони мигрен асабонияти зиёд ва стресс як ангезаи бузург аст. Хоҳед, ки аз дарди ҷонкоҳи сар эмин монед, аз стресс ва асабоният дурӣ ҷуста, ба ҳар майда-чӯйда аҳамият надиҳед. Машғул шудан бо йога ва медитатсия барои пеши роҳи стрессро гирифтан кумак мерасонад. Машқҳои махсуси нафаскашии чуқур низ асабониятро бартараф намуда метавонанд. Фаъолияти ҷисмонӣ ҳам шиддати стрессро коҳиш медиҳад.

4. Ба ғизои худ диққати ҷиддӣ диҳед!

Қобили зикр аст, ки баъзе хӯрданиҳо, аз қабили панир, гӯшти коркардшуда, шоколад ва машрубот боиси авҷ гирифтани мигрен гашта метавонанд. Аз ҳамин хотир барои пешгирии ин беморӣ ба ғизои худ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Кӯшиш кунед, ки аз хӯрданиҳои зарарнок парҳез намуда, бештар меваю сабзавот хӯред. Ғалладонагиҳо низ аз сафедаҳо бой буда, бисёр фоиданоканд. Дар айёми сармо бештар моҳӣ истеъмол кардан лозим аст, зеро моҳӣ дорои омега-3 мебошад, ки як ҷузъи муфид барои коҳиш додани мигрен ба шумор меравад.

5. Истеъмоли кофеинро маҳдуд намоед!

Аксарият бар он назаранд, ки истеъмоли маҳсулоти аз кофеин бой метавонад дар пешгирии мигрен кумак расонад, вале он на ҳамеша ва на бар нафъи ҳама аст. Дар баъзе одамон кофиен баръакс, боиси авҷ гирифтани беморӣ мегардад, бинобар ин, кӯшиш кунед, ки маҳсулоти дорои кофеинро ба миқдори маҳдуд истеъмол намоед.

6. Машқҳои ҷисмониро фаромӯш накунед!

Машқҳои ҷисмонӣ як воситаи пурқувват дар пешгирии мигрен мебошанд. Барои пешгирии ин беморӣ мутахассисон дар як ҳафта ҳадди ақал 150 дақиқа машқҳои муътадили аэробикӣ, аз қабили пиёда рафтан, велосипедронӣ ва ё шиновариро тавсия додаанд.

7. Ба тарзи нишасти худ диққат диҳед!

Аксари одамон ҳангоми кор дар паси миз ё шабакаҳои иҷтимоӣ ба тарзи нишасти худ тамоман диққат намедиҳанд. Дар натиҷа бар асари нодуруст нишастан мушакҳо ба ташанҷ гирифтор гашта, ин боиси авҷгирии дарди сар мешавад. Барои пешгирии мигрен шуморо лозим аст, ки дар фазои кории худ дуруст ва бароҳат шинед. Дар ҳар ду-се соат ба худ каме танаффус эълон намоед, то ки бар асари асабонияти зиёд саратон ба дард наояд.

8. Ба назди духтур равед, агар...

Шахсоне, ки мигрен доранд ва дар фаслҳои тирамоҳу зимистон бештар аз дарди шадиди сар азият мекашанд, бояд ҳамеша зери назорати духтур қарор дошта бошанд. Агар новобаста ба риоя намудани тадбирҳои дар боло зикршуда дарди сар ҳамоно шуморо азият медода бошад, ҳатман ба табибон мурочиат намоед. Духтур метавонад дору ё машқеро ба шумо тавсия диҳад, ки ба хусусиятҳои ҷисматон ва речаи ҳаррӯзаи шумо мувофиқ аст.

Толеънома



Ҳамал
21.03 - 20.04

Аввали ҳафта ба шабнишиниву маҳфилҳо рафтан тавсия дода намешавад. Муносибат бо дӯстон, махсусан бо занон метавонад дар натиҷаи мунокишаҳои ногаҳонӣ бад шавад. Айни замон ба шумо лозим меояд, ки ба баъзе нақшаҳои худ ислоҳот ворид кунед.



Савр
21.04 - 21.05

Аввали ҳафта бо ҳамсафари ҳаётӣ ё шарики тиҷоратӣ забон ёфтанатон душвор мегардад. Барои бастани шартномаву ақди никоҳ ҳафтаи мусоид нест. Миёнаи ҳафта барои муҳокимаи ҳар гуна масъалаҳои баҳснок фурсати муносиб аст.



Ҷавзо
22.05 - 21.06

Оғози ҳафта ба шумо тавсия дода мешавад, ки ба саломатии худ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоед. Дар ин давра эҳтимоли шамолхӯрӣ ва гирифторшавӣ ба бемориҳои вирусӣ меафзояд, хусусан агар шумо дар сафар бошед. Ҳафтаи хубест барои харидани ҳайвонот.



Саратон
22.06 - 23.07

Аввали ҳафта барои ба эътидол овардани муносибатҳои ошиқона мусоид аст. Нафарони муҷаррад метавонанд бо намояндагони ҷинси муқобил ҳангоми сафару саёҳатҳо ё дар чорабиниҳои идона шинос шаванд. Инчунин вақти хубест барои баргузории маъракаҳои тӯёна.



Асад
23.07 - 22.08

Ибтидои ҳафта дар муносибатҳои ошиқона ва заношавҳарӣ нофаҳмиву низоъ дар назар аст. Хусусан ҳамсароне, ки бо волидонашон зиндагӣ мекунанд, дучори муноқиша мегарданд. Охири ҳафта вазъият рӯ ба беҳбудӣ меорад.



Сунбула
23.08 - 22.09

Аввали ҳафта нисбати саломатии худ беэътиноӣ накунед, дар ин вақт ҷисм метавонад заиф шавад. Мувофиқи вазъи ҳаво либос пӯшед, ба гармохунукшавӣ роҳ надода, чораҳои пешгирикунандаи бемориҳоро андешед. Дар ҷои кор то вақтӣ нашинед, нерӯи худро сарфа кунед.



Мизон
25.09 - 22.10

Аввали ҳафта ташвишатон зиёд мегардад. Агар дӯстдошта дошта бошед, зудтар аз пайи харидани туҳфа шавед. Харидҳое, ки рӯзи душанбе ё сешанбе анҷом дода шудаанд, чандон бобарор намешаванд. Миёнаи ҳафта миёни шумову дӯстдоштаатон нофаҳмӣ сар мезанад.



Ақраб
23.10 - 22.11

Барои ақрабҳо масъалаҳои нигоҳ доштани обрӯ ва эътибор пеш меояд. Ба вазъияти душвор дучор шуда, танҳо бо шарофати донишу малака аз он берун омада метавонед. Ҳафта барои ободонии хонаву дар ва ҳаёти оилавӣ созгор аст.



Қавс
25.11 - 21.12

Аввали ҳафта бо яке аз шиносҳоятон муносибат бад мегардад. Эҳтимол шумо овозаҳо ё ғайбатеро дар мавриди наздиконатон шунида, сахт меранҷед. Кӯшиш кунед, ки ба ғайбату иғвогариҳо дода нашавед, он гоҳ ба чунин ҳолатҳои нохуш дучор намегардед.




Ҷаддӣ
22.12 - 20.11

Аввали ҳафта дучори мушкилоти молиявӣ мегардед. Агар мошин дошта бошед, он таъмирталаб мегардад ё тачҳизоти техникии хонаатон корношоям мегардад. Аз миёнаи ҳафта сар карда, мушкилиҳои сарзадаро рафъ кардан осонтар мегардад.



Далв
21.01 - 19.02

Аввали ҳафта дучори монеаҳои зиёде мешавед. Ба ҳар кор, ки даст мезанед, нобарорӣ сар мезанад. Вақте расидааст, ки аз пайи ба даст овардани маблағи бештар ва беҳтар сохтани зиндагонии худ шавед. Барои шифоёбӣ вақту маблағи зиёде сарф мекунед.



Ҳут
20.02 - 20.03

Аввали ҳафта тавассути сомонаҳои иҷтимоӣ бо касе шинос шудан лозим нест. Аввали ҳафта дар бораи зиндагии шахсии худ ба касе чизе нагӯед. Дар акси ҳол маълумотро бар зидди шумо истифода бурда, обрӯву нуфузатонро ба як тини зардак баробар мекунанд.

ҶАВОРИ ОДАМИЯТ
ва мусобиқаи Ҳаҷ



Дирӯз дар маъракае ду-се нафар занонро барои сафари дар пеш истодаи ҳаҷи Умра табрик мекарданд. Дар ҳайрат афтодам. То ҷое, ки медонистам, ду нафарашон аниқ аллакай рафта омада буданду духтарони якеашон бо қарз иморат сохту дигаре духтарашро шавҳар дод. Такроран азми сафар намудан чӣ маънӣ дошта бошад?

Намедонам, шояд бори ҳазорум бошад ва ё зиёдтар, чанд сари сол аст, ки дар майнаи ман фикрҳо доири ҳамин масоил беист чарх мезананд. Ҳарчанд кӯшиши зиёд ба харҷ медиҳам, ки онро аз сарам бадар намоям, лекин муҳит намегузорад, ки ин амалро ичро намоям.

Дар дуроҳаи фикру ҳаёлҳои бесарунҷ ва ба хотири он, ки на ҳама бандаро ба он тарзе, ки мехоҳам, қабул намудаву ба дарки дурусти суханони ман мерасанд, андешаҳоямро дар хазинаи зеҳну қолабҳои ношикастаи тасаввурам маҳфуз медоштам. Вале чун дида истодаам, ки тафаккури мардум дар сари андешаи ба мисоли чормағзи пуч бемаъниву холӣ аз маънавиёти одии инсонист, косаи сабрам лабрез гашт.

Ман роҳ мекушоям
то бар дили шумоён,
Бо дафтару китоби
дарди ҳазорсола.

Халқи тоҷик аз қадимулайём дастурхондору маъракаорову меҳмондӯст буду ҳаст. Каси аз дар даромадаро бо хушнудиву қалбе саршор аз лутфу меҳрубонӣ қабул менамояду бехтарину лазизтарин хӯришҳоро назди атои худованд мегузорад. Дирӯз дар маъракае ду-се нафар занонро барои сафари дар пеш истодаи ҳаҷи Умра табрик мекарданд. Дар ҳайрат афтодам. То ҷое, ки медонистам, ду нафарашон аниқ аллакай рафта омада буданду духтарони якеашон бо қарз иморат сохту дигаре духтарашро шавҳар дод. Такроран азми сафар намудан чӣ маънӣ дошта бошад, дар ақли солим ҷо намегирад. Бар замми он, боз чанд занони дар сари дастархон буда таассуф хӯрданд, ки айни замон имкон надоранд ба зиёрати хоки муқаддас бираванд, чун чанд масоили ҳалношуда дар пеш аст.

Дар дини мубини ислом аз панҷ рукни мусулмонӣ яке аз онҳо ба ҷо овардани тавофи хонаи Худост, вале бадбахтона, имрӯзҳо бархе аз мардум ин суннатро рӯирост ба рақобату худнамоишдиҳӣ ва тақлиди кӯр-кӯрона табдил додаанд. Гарчанде фоизи зиёди эшон шароити пурраи моддӣ барои пардохт намудани маблағи сафар надоранд, вале заҳмат ба харҷ медиҳанд, ки “обрӯ аз даст наравад”. Роҳу василаи дар байни мардум мӯдшудаву тез ҳалшаванда гирифтани қарз аз бонкҳо аст, ки пайвандону наздикони сафаркунанда солиёни зиёд аз пайи кандани он мешаванд.

Рӯз то рӯз тааччубам зиёд мегардад, ба суолҳоям посух мечӯям, вале... Мафҳуми одамӣ аз одобу донишу ақлу маданият сохта шудааст, вале чаро мо кӯри худу бинои дигаронем???

Порсоён адаби ринд
надоранд нигоҳ,
Дидаам бештари
мардуми нодон густох,

- мефармояд ҳазрати Камол.

Пеш аз он, ки ба зиёрати хоки муқаддас мушарраф гардем, бояд аз шароити моддии наздикону ёру дӯстон хотирҷамъ бошем, то онҳо муҳоҷи буридаи нон набошанд. Дар ҳаёт ақаллан ягон кори савоб намоем, ки ояндагон моро ба накӯӣ ба забон оранду як каф дуо аз Қуръони маҷид ба арвоҳамон фиристанд...

Солҳои баъди ҷанги шаҳрвандӣ дар яке аз рустои ноҳияи Ваҳдат бар асари чароғхомӯшкуниҳо трансформатори аҳли деҳ месӯзад. Баҳри чароғон гаштани хонаводаи мардум оҷилан онро иваз намудан рост меомад, вале барои ин маблағи калон лозим буд. Аз ин ҳол огоҳ гардида, тағоям Асадулло, ки солҳои дароз бо мақсади тавофи Каъба маблағ ҷамъ менамуд, натавонист, ки ҳамдиёронаш аз бебаркӣ азоб бикашанд. Бинобар ҳамин, тамоми пули дар даст доштаашро бароварда доду дар хонаҳо барқи умеду бовариву саховатмандӣ чароғон гашт. Бадбахтона, зимистони соли 1993 тағои паҳлавонам ба орзуяш нарасида, сайри олами дигар намуд. Дар маросими дафн митинг барпо гашта, корҳои хайри ӯро ёдоварӣ намуданд, аз ҷумла трансформатори навро ба хотир оварданду маитро ҳамчун Ҳоҷӣ Асадулло ба хоки абад супориданд. То ба имрӯз кори хайри марди бузургдилро аҳли деҳ фаромӯш накардааст.

Дар шаҳри бостонии Истаравшан истгоҳе бо номи “Очаи Норинисо” мавҷуд аст. (Худованд макони кампири Норинисоро дар мақоми баланд ҷой дода бошад). Ҳоли зори ҳамдиёронаш вақти интизории автобусҳо ва набудани истгоҳ раҳматии очаи Норинисоро ба он водор сохт, ки маблағи пурраи кафанпулиашро баҳри пӯшидани мавзее, ки мардум битавонанд аз борону офтоби сӯзон дар амон бошанд, бипардозаду бад-ин васила номаш дар байни халқи ин сарзамин зинда бимонад.

Мисоли дигар. Ҳамшираи калони беморхонаи саратони шаҳри Хуҷанд солҳои тӯлонӣ аз дарди пой шикоят дошт. Рафта-рафта ин дард ӯро аз по ғалтонд. Шароити моддии хонаводааш бисёр вазнин буд. Як саҳарӣ ба Худованди мутаол муноҷот намуда, гуфт:

- Худовандо, ризқи маро мефиристода бошӣ, аз ҷои ҳалолаш бирасон, зеро ягона муттакову такягоҳам худат ҳастӣ!

Иттифоқан, ҳамон рӯз ҷавонмарде дах ҳазор доллар маблағи ба нияти сафари Ҳаҷ ҷамъ намудаашро ба беморхона оварда, тақсим мекунад, ки дастгири камбағалону муҳоҷон гардаду беморон шифо ёбанд. Чунки дарди ҷонкоҳи саратонро ба наздикӣ аз сари худ гузарониду беморони муҳоҷу чашмони маъсум, интизории пур аз умеду илтиҷоро бо чашми сар бидид.

Азизонам, биёед, ақаллан як маротиба оқилона қоил бишавем, ки фоизи зиёди мардуми мо камбизоатона рӯз мегузаронанду аробаи шалақи зиндагиро базӯр-базӯр пеш мебаранд. Чаро чунин набошад, ки дасти ҳам бигирему ёрмандӣ намоем, зеро одамият ёрпурсиву ҳамнавоиву ҳамдилист, магар чунин нест? Дили нафареро, ятимакеро шод намудан, ба уфтодае ёрмандӣ кардан бехтар аз ганҷҳои олам асту баробари тавофи хонаи Худо кардан аст. Тарзе, ки нависандаву рӯзноманигори шинохта Нурмуҳаммад Исҳоқӣ мегӯяд:

Ман Макка намеравам,
маро Макка дил аст,
Дарёб ҳамоне, ки фитода
дар обу гил аст.
Медеҳ баҳои ҳаҷ ба он
ҳамсоя,
Оне, ки дилаш зи
рафтани ту хиҷил аст.

Ва ё худ, намешавад, ки дар мумфарш намудани роҳҳои кишварамон, обод кардани деҳаву манзилу маҳали зист, об овардану гузаронидани он ҳамдаст бошем? Мо ба умеди давлатдорон мешавем, вале сарчашмаи муҳиму асосии пешрафту ободӣ мардуми бонанги тоҷик бояд бошем. Набояд аз хотир барорем, ки замини авлодони тоҷвару тоҷдорамонро бояд мо барои пасовандагон бо сари баланду ғурури шикастнопазир ба мерос гузорем, зеро ин амал ҳам қарз асту ҳам фарзи ногузири инсонист.

Сад масҷиду сад
работ обод кунӣ,
Сад банда ба зар
харида, озод кунӣ,
Сад сол ба рӯза бошиву
шаб ба намоз,
Беҳ з-он набувад,
ки як диле шод кунӣ.

Дилбар ВОҲИДОВА,
узви Иттифоқи рӯзноманигорони Ҷумҳурии Тоҷикистон,
Аълочии матбуот ва фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

МАВЛУДНОМА

3 ДЕКАБР

Михаил Лобанов (1950), 75-солагии зодрӯзи варзишгар, қаҳрамони ҷаҳон оид ба қаиқронӣ.

Гадобой Собиров (1935-1976), 90-солагии зодрӯзи доктори илмҳои физика ва математика.

4 ДЕКАБР

Раҳмат Ғафуров (1930), 95-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Гулсара Қодирова (1955), 70-солагии зодрӯзи ҳунарманди театр, Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон.

Светлана Пирова (1955), 70-солагии зодрӯзи олими соҳаи педагогика.

5 ДЕКАБР

Холмурод Бӯйдоқов (1930-2012), 95-солагии зодрӯзи доктори илми педагогӣ, профессор.

Наталия Виноградова (1945), 80-солагии зодрӯзи муаррих.

Боналӣ Қамбаров (1935-2003), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Саодатхоҷа Солеҳзода (1950), 75-солагии зодрӯзи нависанда.

Обид Умаров (1935-2006), 90-солагии зодрӯзи журналист.

Муҳаммадалӣ Шамс (1950), 75-солагии зодрӯзи шоир.

Александр Шишов (1860-1936), 165-солагии зодрӯзи муаррихи рус, муаллифи китоби “Тоҷикон”.

6 ДЕКАБР

Соҳибназар Ғоибназаров (1940-2004), 85-солагии зодрӯзи фарҳангшинос.

Довудшо Наврузшоев (1955), 70-солагии зодрӯзи доктори илми биологӣ, профессор.

Самад Ҳомидов (1935), 90-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Зуфархон Ҷавҳарӣ (1860-1945), 165-солагии зодрӯзи шоир.

7 ДЕКАБР

Сайдулло Амин (1940-2019), 85-солагии зодрӯзи шоир.

Зиновий Баркаган (1925-2006), 100-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор.

Сабоҳат Бурихонова (1920-1996), 105-солагии зодрӯзи олими соҳаи тиб.

Зулфия Ҳасанова (1935), 90-солагии зодрӯзи адабиётшинос.

8 ДЕКАБР

Ҷӯрабой Раҷабов (1950), 75-солагии зодрӯзи китобшинос.

Муҳаммадҷон Юсуфӣ (1935-2016), 90-солагии зодрӯзи журналист, Корманди шоистаи Тоҷикистон.

Лев Этенген (1930-2012), 95-солагии зодрӯзи доктори илми тиб, профессор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Ибни Сино.

9 ДЕКАБР

Артур Мулкиҷонян (1945), 80-солагии зодрӯзи забоншинос.

Усмон Ҳасанов (1930), 95-солагии зодрӯзи арбоби давлатӣ.

10 ДЕКАБР

Олег Куршеитов (1945), 80-солагии зодрӯзи меъмор, дорандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Рӯдакӣ.

Маъдалӣ Майсупов (1950), 75-солагии зодрӯзи олими соҳаи биология.

Манзар Мунаваров (1940), 85-солагии зодрӯзи муаррих.

Аз идора

Шахсиятҳои таърихӣ, олимони варзида, ходимони давлативу ҷамъиятӣ мавлуд доранд?

ПЕШОПЕШ МОРО ОГОҲ КУНЕД!

Тел: 221-00-84

Эълонҳои бештар дар



ARZON.TJ

ЭЪТИБОР НАДОРАД

► Шиносноми техникӣ ба номи Бобоев Махмадуло Зиёдулоевич, бо суроғаи ноҳияи Рӯдакӣ, ҷамоати Сарикиштӣ, деҳоти Ҳазора, хонаи 1, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 9, ШМА №0046436, ба номи Зарипов Умед Сайфулоевич, ки соли 2003-2004 аз ҷониби МТМУ №50-и ноҳияи Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ ба номи Муродов Мурод Нуралиевич, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Н. Ганҷавӣ 363, ҳ. 32, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Аттестати синфи 11, АN№116071 ва шаҳодатномаи махсуси мусиқӣ ба номи Ёров Хуршед Назарович, ки санаи 23.06.1989 аз ҷониби МИММСҶ ба номи М. Атоев дода шудааст, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Иқтибоси КВ ДБММ ғайриманқул дар ш. Душанбе таҳти №650144698, аз санаи 15.07.2022, ба номи Раҳматулоева Огул Мавлоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи А. Ғуломов 39, ҳ. 55, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникӣ аз санаи 22.08.2022 ва иқтибоси КВДБММ ғайриманқул дар ш. Душанбе ба номи Шарипова Дилрабо Ҷумахоновна, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Фирдавсӣ, кӯчаи Н. Қарабоев 54/2, ҳуҷраи 13, ошёнаи 5, аз сабаби гум шудан беэътибор дониста шаванд.

► Аттестати синфи 11, АБ№018368, ба номи Рахматова Фарогат Равшановна, ки соли 1998 аз ҷониби МТМУ №9-и ш. Хуҷанд дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи техникии мағоза, бо суроғаи ш. Душанбе, ноҳияи Сино, кӯчаи Б. Ғафуров, хонаи 33, масоҳаташ 17.1м.м., ба номи Сафарова Зебунисо Садриддиновна, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи АхмедовТохир, РЯМ: 0730069936, РМА: 075065998, ки аз 10.02.2013 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси хоҷагии деҳқонии Хуршед, роҳбараш Соатов Хуршед, РЯМ: 0730053665, РМА: 075660209, ки аз 01.11.2011 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Иҷозатномаи ВТт№0002011, рақами иҷозатнома 311, ки аз 16.06.2025 ба ҶДММ "Клиникаи Дилу Рагҳо" аз тарафи ВТҲИА ҶТ дода шудаст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатнома, иқтибос ва РМА-и ҶДММ "Клиникаи Дилу Рагҳо" №0309595, РЯМ: 0410046230, РМА: 040069141, санаи судур 14.02.2025, Нозироти андози ноҳияи Сино, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шиносномаи шаҳрвандӣ, А01082150, ба номи Наимов Суҳробҷон Рустамхонович, ки санаи 23.10.2017 аз ҷониби ШВКД-1 ноҳияи Фирдавсӣ дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Дипломи ДТО №0170992, рақами №724, ба номи Фаризаи Иброҳим, ки санаи 19.07.2016 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи №0001499, рақами №1389, ба номи Иброҳимзода Фариза Иброҳим, ки санаи 22.01.2019 аз ҷониби Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино дода шудааст, аз сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

► Шаҳодатномаи бақайдгирӣ ва Иқтибоси соҳибкори инфиродӣ тибқи Шаҳодатнома ба номи Тагаев Навруз, РЯМ: 0730136312, РМА: 195173582, ки аз 20.07.2016 аз тарафи Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода дода шудааст, бинобар сабаби гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

МЕФУРӮШАМ

► 2-ҳуҷрагӣ, 52 м.м., қабати 3, бинои 5-ошёна, дар ФР, Тульская область, пос. Волово, 2 500 000 руб. Тел.: +7920-111-21-95 (ватсап), 558-12-22-20

ҶСП БОНКИ «АРВАНД»

оид ба хариди туҳфаҳои солинавии кӯдакона озмун эълон менамояд.

Ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва дигар тафсилотро метавонед аз Сариҷораи Бонк, воқеъ дар суроғаи ш. Хуҷанд, хиёбони И. Сомонӣ 1А дастрас намоед.

Телефон барои тамос: 92 777 35 02

Муҳлати ниҳоии супоридани ҳуҷҷатҳо барои тендер: 08.12.2025

ТАЪЗИЯ


Аҳли эҷоди ҳафтаномаи "Тоҷикистон" ба ҳамкасби худ Саидмухтор Боқизода бинобар даргузашти

МОДАРАШОН

изҳори ҳамдардӣ мекунанд.

САМАРҚАНД МИЗБОНИ КОНФРОНСИ МУҲИМ

Моҳи ноябри соли ҷорӣ дар шаҳри Самарқанд боз як мулоқоти муҳими байналмилалӣ баргузор гардид. Муҳим он аст, ки Конфронси генералии ЮНЕСКО пас аз 40 сол бори аввал берун аз пойтахти Фаронса - Париж маҳз дар Самарқанд доир шуд.



Хушбахтона, шаҳри Самарқанд мизбони 43-юмин ҷаласаи Конфронси генералии ЮНЕСКО гардид.

Дар ин чорабинии байналмилалӣ зиёда аз 2800 намоянда аз 190 кишвари узв ва як қатор созмонҳои байналмилалӣ, аз ҷумла тақрибан 70 шахсияти сатҳи баланд ширкат варзиданд.

Дилфуза Ваҳҳобова,
муаллимаи мактаби миёнаи №136-и шаҳри Ургути Ҷумҳурии Ӯзбекистон


PRESSA.TJ

ХАБАРҲОИ ТОҶИКИСТОН ВА ҶАҲОН

ЧУДО

ЯК НУҚРА ВА ЯК БИРИНҶИИ ПАХҲАВОНОНИ ТОҶИКИСТОН АЗ ABU DHABI GRAND SLAM 2025

Дар шаҳри Абу-Забии Аморати Араб мусобиқаи Abu Dhabi Grand Slam 2025 ба анҷом расид, ки паҳлавонони Тоҷикистон тавонистанд ҳамагӣ як нишони нуқра ва як нишони биринҷӣ ба даст оранд.



8 намояндаи Тоҷикистон дар ин мусобиқа ширкат варзиданд ва танҳо Муҳиддин Асадуллоев дар вазни то 73 кг нишони нуқра ва Сунатулло Мӯсоев дар вазни 81 кг медали биринчӣ гирифтанд. Муҳиддин Асадуллоев (-73 кг) дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм бар Лин Гаоҳуии чинӣ зафар ёфт. Ӯ дар даври сеюм ҳангома кард ва қаҳрамони Бозиҳои олимпӣ Ҳидоят Ҳайдарови озарбойҷониро, ки ду мароиба чемпиони ҷаҳон шудааст, шикаст дод. Дар марҳилаи чаҳорякниҳоӣ Асадуллоев бар намояндаи Руминия Дзитак Иоан, дар нимниҳоӣ бар Даниел Гаргнин аз Бразилия ғолиб омад. Дар финал Асадуллоев аз Нилс Стамп аз Швейтсария шикаст хӯрд.

Сунатулло Мӯсоев (-81 кг) дар даври аввал озод буда, дар даври дуюм бар Тоз Бенедек аз Маҷористон ва дар даври сеюм бо Ҳоҷимурод Умаров аз Амороти Араб пирӯз шуд. Мӯсоев дар нимниҳоӣ аз Абдул-Карим Тасуев аз Русия мағлуб шуд. Ӯ дар мубориза барои медали биринчӣ Ҳоҷидовуд Ҳасановро (Баҳрайн) шикаст дод ва аввалин нишони худро ба даст оварад.

Намояндагони дигари Тоҷикистон Абӯбакр Шеров (73 кг), Бехрӯзи Хоҷазода (81 кг), Абдулаҳад Маҷидов, Муҳаммадҷон Абдуҷалилзода (ҳарду 90 кг), Сомонӣ Кишваров, Ҷаҳонгир Маҷидов (ҳарду -100 кг) натавонистанд муваффақ шаванд.

БОКС

ШИРКАТИ МУШТЗАНҲОИ ТОҶИК ДАР ЧЕМПИОНАТИ ҶАҲОН ДАР ДУБАЙ

Аз 2-юми декабр дар шаҳри Дубайи Аморати Араб Чемпионати ҷаҳонии бокс шуруъ шуда, дар он муштзанҳои Тоҷикистон низ ширкат доранд.



Тоҷикистонро дар ин мусобиқа Меҳрон Шафиев (48 кг), Меҳроҷ Суфиҷонов (51 кг), Анӯшервон Фозилов (54 кг), Хусравхон Раҳимов (57 кг), Акмал Убайдов (60 кг), Руслан Ғафуров (63,5 кг), Шамшер Саидов (67 кг), Довуд Маҳкамов (71 кг), Шаҳобҷон Шукуров (75 кг), Некрӯз Салимов (80 кг), Парвиз Каримов (86 кг), Наврӯз Ҷафоев (92 кг) ва Муҳаммад Аброриддинов (+92 кг) муаррифӣ мекунанд.

Ҳайати бокси Тоҷикистонро мураббиҳо Саидхоҷа Мамуров, Алӣ Бобоҷонов, Парвиз Аҳмадов, Хуршед Ҷӯраев ва довар Акмалҷон Абдуллоев роҳнамоӣ мекунанд.

Чемпионати 23-юми ҷаҳонии бокс миёни мардон дар соли 2025 аз 2 то 13-уми декабр баргузор мешавад. Дар мусобиқа беҳтарин муштзанҳои беш аз 120 кишвари дунё ширкат доранд. Муштзанҳо барои нишонҳо дар 13 категорияи вазн, ки аз ҷониби Шурои мудирони IBA (собиқ AIBA) дар моҳи июли соли 2021 тасдиқ шудаанд, рақобат хоҳанд кард. Ҳазинаи мусобиқа 8,32 миллион доллар таъйин шудааст. Ғолибон дар ҳар вазн 300 ҳазор доллар мегиранд, барои ҷойи дуюм 150 ҳазор доллар, ҷойи сеюм 75 ҳазор доллар, барои ҷойи 5-ум 10 ҳазор доллар тасдиқ шудааст. Аз ин маблағ 50% ба муштзанҳо, 25% ба мураббӣ ва 25% ба Федератсияи бокси кишвари ғолиб дода мешавад. Ин бузургтарин чемпионат дар таърихи бокс хоҳад шуд.

ФФТ

МУРАББИЁНИ ДАСТАҲОИ МУНТАХАБ ҲИСОБОТ ДОДАНД

28-уми ноябр дар Федератсияи футболи Тоҷикистон ҷаласаи шурои мураббиён баргузор гардид, ки дар он сармураббиёни дастаҳои миллии Тоҷикистон дар бораи кори худ дар соли сипаригардида ҳисобот доданд.



Дар ҷаласа ҳисоботи мураббиёни тимҳои миллии гуногун шунида шуд. Сармураббии дастаи мунтахаби то 17-солаи Тоҷикистон Марко Рачинӣ дар бораи омодагии даста ба Ҷоми ҷаҳон-2025 муфассал суханронӣ ва сабабҳои баромади номуваффақро дар мусобиқаи Қатар таҳлил кард. Сипас, сармураббии дастаи мунтахаби футзал Пайрав Воҳидов ҳисоботи фаъолияти худро ироа намуда, нақшаи омодагиро ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026, ки дар Индонезия баргузор мешавад, муайян кард.

Сармураббии дастаи наврасони то 16-солаи Тоҷикистон Далер Каёсов натиҷаи бозиҳои дӯстонаи охирро шарҳ дода, дар бораи омодагии даста ба қисми ниҳоии Ҷоми Осиё-2026, ки моҳи май дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, сухан гуфт.

ФУТБОЛ

МУҲСИН МУҲАММАДИЕВ ДУБОРА БА ШУЪБАИ ЭҲЁ ИНТИҚОЛ ДОДА ШУД

Собиқ бозигари клуби футболи «Помир»-и Душанбе ва мураббии маъруф Муҳсин Муҳаммадиев дубора дар шуъбаи эҳёи бемористон бистарӣ шудааст.

Дар ин бора ҳамсараш Моҳира Муҳаммадиева хабар дода, ба ТАСС гуфтааст, ки Муҳсин Муҳаммадиев пас аз якбора бад шудани саломатиаш ба шуъбаи эҳё интиқол дода шуд. Ба гуфтаи ӯ, Муҳаммадиеви 59-сола 15-уми ноябр дар шуъбаи эҳё бистарӣ шудааст ва то ҳол дар он ҷо мемонад. Ҳолати ӯ вазнин арзёбӣ мешавад. Аввали тобистони имсол Федератсияи футболи Тоҷикистон хабар дод, ки Муҳаммадиев чанд сактаи мағзӣ гирифтааст ва дар як клиникаи Маскав табобат мегирад. Баъдтар ҳоли ӯ хуб ва аз бемористон рухсат шуд.

Муҳсин Муҳаммадиев 21-уми октябри соли 1966 дар Душанбе таваллуд шудааст ва фаъолияти касбии худро бо клуби маъруфи "Помир" оғоз кардааст. Пас аз фурӯпошии ИҶШС, ӯ дар як қатор клубҳои Русия, аз ҷумла "Локомотив"-и Маскав ва Нижний Новгород, "Спартак"-и Маскав ва "Торпедо"-и Маскав, "Шинник"-и Ярославл бозӣ кардааст. Ӯ инчунин дар "Анкарагуҷу"-и Туркия ва дар Австрия дар ҳайати «Аустрия» бозӣ кардааст. Пас аз анҷоми фаъолияти бозигарӣ, Муҳаммадиев ҳамчун мураббӣ дар дастаҳои "Витязь Подолск", дастаи мунтахаби Тоҷикистон, "Ордабаси Қазоқистон" ва "Истиқлол"-и Душанбе кор кардааст.



РЕЗААХБОР



Аз 6 то 7-уми декбар дар шаҳри Токиои Ҷопон мусобиқаи навбатии сайри ҷаҳонии ҷудо - PARK24 Group presents Tokyo Grand Slam 2025 баргузор мешавад. Тоҷикистонро дар ин мусобиқа 6 паҳлавон намояндагӣ мекунанд. Инҳо Обид Ҷебов бо Мусаниф Миробов дар вазни то 66 кг, Сомон Маҳмадбеков бо Бехрӯз Хоҷазода дар вазни то 81 кг, Мизробшо Лоиқов дар вазни то 90 кг ва Муҳсин Малаев дар вазни то 100 кг ҳастанд.

***


16 дастаи Ҷоми футболи Осиё-2026 миёни наврасони то 17-сола, ки дар Арабистони Саудӣ баргузор мешавад, маълум шуданд. Ин мусобиқа мисли Ҷоми ҷаҳон U-17 бо низоми нав то соли 2029 ҳамасола баргузор мешавад. Наврасони Тоҷикистон бо шарофати натиҷаи охир ва роҳхат ба Ҷоми ҷаҳон бидуни иштирок дар бозиҳои интихобӣ ба ин мусобиқа роҳ ёфтанд. Баргузории бозиҳо аз 7 то 24-уми майи соли 2026 ба нақша гирифта шудааст.

***

Муҳаммад Яъқубови 30-сола аз Тоҷикистон (23-1-1) Дар Иёлоти Муттаҳида барои унвони чемпиони WBC Super Featherweight бар зидди Кристиан Круз Чакони мексикоӣ (24-7-2) рақобат кард, ки ин мубориза бо натиҷаи мусовӣ ба анҷом расид. Пас аз даҳ раунд, доварон яке ба Яъқубов бо ҳисоби 96-94, дигаре ба Чакон бо ҳисоби 97-93 ва сеюмӣ бо ҳисоби 95-95 мусовӣ баҳо доданд. Дар натиҷа, унвони WBC Super Featherweight бесоҳиб монд.

***

Сармураббии клуби футболи «Хуҷанд»-и Хуҷанд Александр Крестинин дастаро тарк кард. Шартномаи мураббии рус бо клуб 30-юми ноябр ба охир расид. Ҳеҷ яке аз тарафҳо онро тамдид накарданд. Мураббии нав ҳанӯз таъйин нашудааст. Айни замон «Хуҷанд» дар Чемпионати Тоҷикистон дар ҷойи 5-ум қарор дорад.



ПУЛ ВА НЕРӮ

Зане сабаби бемадориву худро бад ҳис карданашро аниқ карданӣ шуда, аз ташхиси УЗИ, МРТ, кардиограмма, рентген гузашта, ҳамзамон хун месупорад ва як қатор ташхисҳои дигарро низ гузашта, ба назди табиби худ рафта, мегӯяд:

- Духтурҷон, ана натиҷаи ташхису таҳлилҳоям. Шумо сабабро дар чӣ мебинед?

Духтур дар ҷавоб:

- Ростӣ, ман танҳо ҳаминро мебинам, ки шумо пул дореду нерӯ!

ТЕЛЕФОН

Зани зебое дар тарабхона дар танҳоӣ хӯрок мехӯрад. Марде дурудароз ба ӯ нигариста, баъдан наздаш меояду мегӯяд:

- Бонуи зебо, Худованд ба шумо ҳама чизро додааст, ба ҷуз як чиз!

Зан ҳайрон шуда мегӯяд:

- Чӣ надодааст?

Мард дар ҷавоб:

- Рақами телефони маро!

НУРОФЕН

Зан ба духтур занг мезанад:

- Духтурҷон, шавҳарам нофаҳмида, «Нурофен» хӯрдааст, чӣ кор кунам?

- Дар хона проблема доред?,- мепурсад духтур.

- Албатта. Кӯдакон либоси зимистона надоранд, аз мактаб ҳам қарздорем, яхдон низ холӣ...

- Шуд, фаҳмо. Расо 45 дақиқа дар ҳамин бора гап занед, сари шавҳаратон, ки ба дард даромад, таблетка ҳайф намешавад.

ВАЗИФАИ ХОНАГӢ

Муаллим аз талаба мепурсад:

- Иброҳим, росташро гӯй, вазифаи хонагиатро кӣ ичро кард?

Иброҳим дар ҷавоб:

- Росташро гӯям, Лола Азимовна, худам ҳам намедонам, ман хоб будам.

ИСЛОҲ

Модар аз писараш мепурсад:

- Алишер, ту баҳои 2-и гирифтаатро аз фанни математика кай ислоҳ мекунӣ.

Алишер дар ҷавоб:

- Намедонам оча, муаллима журнали синфро пайваста бо худ мегардонад.

БӮСА

Ҷавоне ба дӯстдоштааш мегӯяд:

- Зебо, биё бозии рустшавакон мекунем. Ман туро мечӯям, агар ёфтам, як бӯса мекунам.

Зебо мегӯяд:

- Ман розӣ. Агар маро наёфтӣ, ман дар пушти ҳо ана ҳамон арча пинҳон мешавам.

Таҳияи Н. РАҶАБОВА

ФАЛОКАТ

Аз Афандӣ мепурсанд:

- Ҳодиса аз фалокат чӣ фарқ дорад?

Афандӣ ҷавоб мегӯяд:

- Вақте бо хушдоманат назди дарё меравӣ ва ногаҳон ӯ ба об меафтад, ин ҳодиса аст. Агар нохост ӯ наҷот ёбад ё нафаре пайдо шавад, ки ӯро наҷот диҳад, ана ин фалокат аст.

БЕМОРӢ

Бемор ба назди духтур омада, гуфт:

- Духтур, ба ман ёрӣ диҳед! Ҳар рӯз фикру хаёлам фақат дар "Фейсбук". Шаб ҳам, рӯз ҳам дар гурӯҳ. Чӣ кор кунам, чӣ маслиҳат медиҳед?

Духтур гуфт:

- Бемории шумо бисёр ҳам чиддӣ аст. Рафтем, бо шумо дар мессенҷер гап мезанем.

ФАРОМӮШХОТИРӢ

Писар аз модараш мепурсад:

- Оча, барои чӣ занҳо ба шавҳар мебароянд?

Модар мегӯяд:

- Аз беақлӣ.

Писар боз мепурсад:

- Чаро аз шавҳар ҷудо мешаванд?

Модар:

- Аз бесабрӣ.

Писар боз мепурсад:

- Чаро боз дубора ба шавҳар мебароянд?

- Аз фаромӯшхотирӣ.

ФАРИШТА

Аз зане мепурсанд:

- Сабаби аз шавҳаратон ҷудо шудани шумо дар чӣ аст?

Зан мегӯяд:

- Мо аз нигоҳи динӣ ба ҳам мувофиқ набудем.

Боз мепурсанд:

- Чӣ хел?

Зан мегӯяд:

- Шавҳарам фаҳмидан намехост, ки ман фариштаи ҳастам.

САМОЛЁТ

Аз марди сигоркаше мепурсанд:

- Чанд сол аст, ки сигор мекашед?

Мард мегӯяд:

- 30 сол шуд.

Боз мегӯянд:

- Дар ин солҳо пули як самолётро ҷамъ мекардед!

Мард дар ҷавоб:

- Шумо сигор мекашед?

- Не...

Мард мегӯяд:

- Ин тавр бошад, самолётатон дар куҷост?

СУРУДХОНӢ

Модар ҳангоми хобонидани писарчааш суруд мехонад. Баъди 10 дақиқа писарак мегӯяд:

- Оча, ман хоб дорам.

Модар мегӯяд:

- Хоб рав, охир!

Писарак дар ҷавоб:

- Ту сурудхониятро бас кун, ки ман хоб равам!

ЧАТР

Ҷавоне аз қафои духтар давида, мегӯяд:

- Духтарак, як дам истед...

Духтар ҳайрон шуда:

- Ҳа, худаш чӣ гап?

Ҷавон мегӯяд:

- Духтари зебо, шумо дар автобус чатратонро фаромӯш накардед?

Духтар мегӯяд:

- Ой, фаромӯш кардам!

Ҷавон мегӯяд:

- Ин тавр бошад, аз қафои автобус давед, ҳоло дур нарафтааст.

Сканворд

